Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

27 ноябри соли 2002. Чоршанбе № 92 (12834)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.

НАТО: ҳамкорӣ, амният ва ошкорогӣ

21-22 ноябр Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар саммити НАТО ва Шӯрои шарикии Авроатлантика (ШША) иштирок намуд.

Рӯзи аввали сафар ба Прага Президенти мамлакатамон бо Сармуншии НАТО Ҷорҷ Робертсон, рӯзи дуюм бо Котиби давлатии ИМА Колин Пауэлл ва Президенти Фаронса Жак Ширак вохӯрд. Дар ин вохӯриҳо диққату эътибори асосӣ ба масъалаҳои амнияти нигаронда шуд. Ва он табиист. Чунки мақсад аз муттаҳид гардидани аъзоёни НАТО ва шарикони он дар доираи як ташкилот аз таҳкими амнияти ва мӯътадилии миллӣ, минтақавӣ ва умумбашарӣ иборат аст.

Дар суханронии худ дар маҷлиси ШША Ислом Каримов дар навбати аввал ба террор диққату эътибори аввалиндарача дод. То воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 дунё ба ин таҳдиди мудҳиш диққату эътибори чиддӣ надод. Амалиётҳои экстремистӣ дар мамлакатҳои тинҷ, дар онҳо ба амал омадани ҳар гуна таркишҳо аз тарафи воситаҳои ахбори оммавӣ ҳамчун «воҳимаи якрӯза» талқин гардиданд. Дарёфтану ҷазо додани ҷиноятқорон дар доираи як идора маҳдуд шуд.

Қувваҳои ифроткор, ки на меъёрҳои ҳуқуқии байналхалқӣ, на арзишҳои инсонро эҳтиром мекунонд, давлати томро ишғол намуданд, моддаҳои нашъамандиро бемаҳдуд истеҳсол карданд, шахсону ҷаллодони манфурро меҳмонони худ донистанд, ба онҳо имкон доданд, ки сарпаноҳ ёбанд. Микёси ин фалокат дар Афғонистон чунон решаи амиқ давонд, ки таъсири он ба қитъаҳои ҷуғрофиаи дурдур ҳам расиду танҳо ҳамон вақт дарки зарурати муборизаи чиддӣ ба муқобили терроризм ҳис гардид. Дар айни замон ба инсониятe, ки ду ҷанги ҷаҳониро аз сар гузаронда буд, зарурати фаҳмонда додан намонд, ки маризиро аз табобат кардан, пешгирӣ намудан беҳтар аст. Бо саъю кӯшиши дилпуронаи муоҳидаи байналхалқии зиддитеррористӣ таҳти сарпарастии ИМА дар Афғонистон лонаи терроризм нест карда шуд.

Барои ин ба аъзоёни муоҳида миннатдории худро баён карда, Ислом Каримов зикр намуд, ки дар Афғонистон ба ичро расондани корҳои доманадор зарур аст. Пеш аз ҳама мебояд одамон бесилоҳ гардонда шаванд. Аз рӯи баъзе маълумотҳо аҳолии Афғонистон барои истифодаи эҳтиёҷи шахсӣ ҷанд миллион воҳид силоҳи оташфишонро доранд. Аз шахсе, ки ҷангро аз сар гузарондаст, дар дасташ силоҳ мебошаду ягон касбу кор ва машғулияте надорад, ҳарчизро мунтазир шудан мумкин аст.

Боз як масъалае, ки бо ин муаммо узван пайваст мебошад, ин ба вуҷуд овардани артиши миллӣ ва идораи давлатӣ мебошад. Танҳо ба як ҳукумат тобеъ гардидани лашкаре, ки аз ҷумлаи қадрҳои касбӣ таркиб ёфтаанд, барои нигоҳ доштани амнияти мамлакат қодиру қобил мегардад. Кори ҳукумат бошад, ин ба роҳ мондани ҳаёт, ҷалб сохтани одамон ба меҳнати бунёдкорист. Баробари ин гуфтан мумкин нест, ки ҳокимияти марказии Афғонистон тамоми минтақаҳои мамлакатро таҳти назорати худ қарор додаст. Вусъат додани доираи таъсири ҳукумат, амалӣ гардондани лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ барои таҳким ва пурзӯр кардани эътимоди аҳолӣ зарур мебошад. Мушахассан баён созем, одамон бояд бо шуғл фаро гиранд, ки воситаи муҳими ҳаётгузаронӣ шаванд. Дар ин бобат комёбии муайянро бидуни ҷонибдории ҷомеаи ҷаҳонӣ ба даст овардан душвор ост. Ислом Каримов аҳамияти бузурги ичрои қарорҳои конфронси Токиоро махсусан зикр намуд, ки оид ба масъалаҳои барқарор ёфтани Афғонистон бахшида шудаанд.

Нашъаҷаллоби муаммои дуюмест, ки диққату эътибори иштирокдорони саммитро Президент Ислом Каримов ба он ҷалб сохт. Ҳақиқат дар ин бобат ҳамин мебошад: «соҳаи» мазкур манбаи асосӣ, «озуқаи» террор мебошад, ки мафҳумҳои «терроризм» ва «нашъаҷаллоби» узван пайваст мегардонад.

Дар мубориза ба муқобили ғайриқонунӣ истеҳсол намудан, нигоҳ доштан, нақлу фурӯши воситаҳои нашъамандӣ рушди ҳамкории мамолики Осиёи Марказӣ ва НАТО аҳамияти муҳим касб мекунад. Ва бо ҳамин ба манбаъҳои молиявие зарба зада мешавад, ки ба амният таҳдид меоваранд.

Мавзӯи мазкурро инкишоф дода, Президент Ислом Каримов зикр намуд, ки Ӯзбекистон ба пурзӯр гардондани рабобити минбаъдаи мамлакатҳо-узви НАТО бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, дар навбати аввал ба пурзӯр кардани ҳамкорӣ дар бобати таъмини амнияти диққату эътибори калон медиҳад.

—Мо ҳамкории рушдёбандаро воло арзёбӣ мекунем ва тарафдори вусъат додани муносибатҳои мутақобилаи шарикӣ бо НАТО, ки ба ислоҳсозии Қувваҳои Мусаллах, ба вуҷуд овардани марказҳои таълимиву иттилоотӣ барои тайёркунии кадрҳои ҳарбӣ, бо силоҳи замонавӣ ҷиҳозонидани сарҳад, такмил додани тайёрӣ ба мубориза ба муқобили терроризм мебошем,—гуфт Ислом Каримов.

Дар ин ҷо ҳоиз аст, зикр намоем, ки ҳамкории Ӯзбекистон ва мамолики Осиёи Марказӣ бо НАТО ба манфиати яктарафа нигаронда нашудааст. Ба мӯътадилии минтақаҳо НАТО ба дарачаи муайян ба амнияти минтақаи мо такя мекунад. Яъне, дар мавриди дигар ягон минтақа ва ё мамлакат худро аз таҳдид бехавф ҳисобида наметавонад, Маълум аст, ки бо ташаббуси Ӯзбекистон ва саъю кӯшиши муштараки мамолики Осиёи Марказӣ Ассамблеяи Генералии СММ Резолютсияро дар бобати дар минтақаи мо созмон додани минтақаи аз силоҳи ядроӣ орӣ қабул намуд. Қарори ташкилоти мазкур дар бораи пахн накардани силоҳи қатли ом мавҷуд аст. Аз тарафи тамоми давлатҳо ичро кардани таъмини талаботи ҳуҷҷатҳои мазкур ҷамҳунин самти муҳими ҳамкориамон бо НАТО мебошад.

Сарвари давлатамон онро ба тариқи зайл тавзеҳ дод. Ҳоли ҳозир террористон ҳаракат доранд, ки соҳиби силоҳи кимёвӣ, биологӣ, ядроӣ ва дастоварди волотехнологӣ гарданд. Ин чунин маънӣ дорад: дар кори пешгирӣ кардани чунин ҳавф вусъати ҳамкории мамлакатҳои минтақаамон бо НАТО аҳамияти муҳим ва умдагӣ касб мекунад.

Дар саммити Прага, ки таҳти шиори «Ҳамкорӣ, амният ва ошкорогӣ» гузашт, баробари муаммои терроризм ҷамҳунин дигар масъалаи муҳим баррасӣ гардид. Мамлакатҳои НАТО расман ба узвияти ташкилот ҳафт давлат—Латвия, Литва, Эстония, Булгория, Словакия, Слования ва Руминияро даъват намуданд. Дар ду соли наздик миқдори аъзоёни НАТО ба 26 адад мерасад. Ҷ.Робертсон саммитро воқеаи таъриҳӣ тавзеҳ дод. Охир дар таъриҳи панҷсолаи ҳуд ташкилоти мазкур бо чунин миқёс васеъ нагардида буд. Ин чунин маънӣ дорад: минтақаи васеи амният ба вуҷуд оварда мешавад, минтақаи НАТО боз соҳиби 593 ҳазор километри мураббаъ мегардад.

Сармуншии ташкилот зикр намуд, ки саммити Прага бори дигар намоиш дод, ки шарикон ва аъзоёни ташкилот ба ҳамкории фаъолона дар бобати ба вуҷуд овардани механизми босамари амниятӣ байналхалқӣ дар садаи XX1 тайёр мебошанд.

Ҷоиз аст зикр намоем, ки баробари вусъат ёфтани НАТО ба амниятӣ миллии ягон давлат таҳдид ба вуҷуд намеоварад. Ва онро дар ҳуҷҷатҳои қабулгардида дидан мумкин аст. Солҳои охир неруи харбии ташкилоти Атлантикаи шимолӣ ислоҳ гардида, сохтораш такмил меёбад. Ҳамчунин ба навбат кумитаҳои ҳарбӣ ва дигар сохторҳо ихтисор мегардад.

Ҳарчанд ба «ҷанги сард» хотима гузошта шуда бошад ҳам, чунин таҳдидҳо, аз қабили терроризми байналхалқӣ ва бадбинии байни миллӣ ва мутаассибии динӣ, НАТО-ро даъват мекунад, ки мувофиқи талаби айёми нав ҳаракат кунад. Қарор дар бораи ихтисор кардани таркиби шахсии қӯшунҳои назди ташкилот ва созмон додани қувваҳои байналхалқии тез рӯ ованда нишон бар он аст, ки НАТО ба айёми нав хосу мос мегардад.

Ислом Каримов борҳо зикр намудаанд, ки ҳар як мамлакат барои таҳкими амнияти ҳуд вабахри ҳифзи сохибихтиёрии хеш доктринаи ҳарбиашро дар асоси меъёрҳои байналхалқии ҳуқуқӣ таҳия месозад. Дар муносибат ба мамлакатҳое, ки сафи НАТО-ро вусъат медиҳанд, аз ҳамин нуқтаи назар муносибат кардан зарур мебошад. Ва максади онҳо возеҳу равшан—ба даст овардани амниятӣ тавассути ҳамкорӣ мебошад.

Ба рӯ мондани муносибатҳо бо НАТО, ки соҳиби на танҳо неруи бузурги ҳарбӣ, балки имконияти калон дар соҳаи илм, техника, технологияҳо, рушди муассисоти демократӣ ва дигар соҳаҳо мебошад, дар доираи Барномаи «Шарикӣ ба ҳотири сулҳу осоиш», ҳамчунин ШША бахри манфиатҳои Ӯзбекистон хизмат мекунад. Сафи мамлакатҳое, ки ба талаби айём ҷавобгӯ мебошанд, дар бобати пешгириву барҳам задани таҳдиду офатҳо аҳамияти муҳим дорад. Ҳамаи онро умум гардонда гуфтан мумкин аст, ки танҳо якчоя ба муқобили терроризми байналхалқӣ мубориза бурдан зарур аст. Амниятро ба мӯътадилиро танҳо бо муттаҳид соҳтани саъю кӯшиш ба даст овардан мумкин аст. Аз ин мебарояд, чуноне ки Президентамон баён карданд, «Ӯзбекистон минбаъд низ роҳи тағйирнаёбандаи ҳудро оиди таҳкими ҳамкорӣ бо сохторҳои НАТО (ШША) пеш мегирад ва дар таъмини амниятӣ мӯътадилии саросари ҷаҳон саҳми ҳудро мегузорад».

Анвар БОБОЕВ,
мухбири махсуси ӯзА.
Тошканд—Прага—Тошканд.

Магар корҳо таҳти диланд?

Хоразм сарзамини куҳан ба ҳисоб мераваду барои рушди тамаддуни ҷаҳонӣ ҳиссаи калон ғузоштааст. Дар ин сарзамин офарида шудани манбаи аввалини хаттӣ «Овисто» аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки сарзамини мазкур решаи амиқи таъриҳиро молик аст. Дар айни замон дар ин сарзамин ба қайди 130-солагии аввалин манбаи чопи сангӣ тайёрии пухта дида мешавад. Дар солҳои истиқлолият дар вилоят оид ба ободгардониву сабзу хурраматгардонӣ, бунёдкорӣ корҳои калоне ба ичро расонда шуда, хусни ин сарзамини қадимаро ба куллӣ тағйир доданд. Оё ин навгониҳо ба соҳаи матбуот ва иттилооти вилоят таъсири мусбӣ расондаанд? Оё воситаҳои ахбори оммавии вилоят вазифаҳои дар наздашон ғузошторо бомуваффақият ичро мекунанд?

Барои дарёфти ҷавоби ин саволҳо аъзоёни Кумитаи Олӣ Маҷлис оид ба матбуот ва иттилоот ба маҷлиси навбатии ҳуд ҷамъ омаданд, ки таҳти сарпарастии раиси он Ӯткир Ҳошимов гузашт. Дар он масъалаи рафти ичрои Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи кафолатҳо ва озодона бархурдор будан аз иттилоот» дар вилояти Хоразм мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар ин хусус иттилооти ҷонишини ҳокими вилоят Баҳодур Исмоилов, сарвароне ташкилоту идораҳои ба соҳаи мазкур масъул шунида шуданд. Зикр ёфт, ки дар вилоят 27 номгӯй рӯзномаву маҷалла рӯи чопро мебинад, ки муассисони чордаҳтои он ҳукумияти вилоять ноҳияҳо, 7-тоаш соҳавӣ, ду маҷалла ва чор рӯзнома идораҳои мухталиф мебошанд. Таъдоди умумии чопи якдафъинаи онҳо ҳариб чил ҳазор нусхаро ташкил медиҳад. Дар вилоят ҳодисаҳои ҳалалдор шудани талабу меъёрҳои қонуни мазкур ба назар нарасидаанд. Воситаҳои ахбори оммавӣ вазифаҳои ҳудро алоқадри ҳол ичро мекунанд. Баромаду маводҳои онҳо, ки барои баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии аҳолӣ нигаронда шудаанд, натичаҳои мусбии ҳудро мебахшанд.

Иштирокдорони маҷлис масъалаи мазкурро бештар аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ карданд. Аз он ҷумла зикр гардид, ки таъдоди нашри рӯзномаву маҷаллаҳо ба ҳариб якуним миллион нафар аҳолии вилоят басандаву кифояткуананда нест. Дар айни замон таъдоди чопи нашрияҳои ҳокимиятҳои вилояту ноҳияҳо нисбати нашрияҳои соҳавӣ камтар аст ва ислоҳсозии фаврир тақозо дорад.

Ҳарчанд тамоми нашрияҳо бо усули офсет рӯи чопро бинанд ҳам, дар саҳифаҳои онҳо маводҳои амиқи таҳлилӣ ба назар кам мерасанд. Он аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки эҳтиёҷ ба кадрҳои соҳибмалака хеле калон аст.

Телевизиони Хоразм аз соати 16 то 18 барномаҳои ҳудро пахш мекунад, ки барои тамошогар вақти қулай нест. Дар айни ҳол ба ҷои барномаҳои шабакаи телевизиони «Ёшлик», барномаҳои радио бошад, ба ҷои барномаҳои «Машъал» пахш карда мешаванд, ки боиси эътирози ҳаққонии муштариён ва мухлисон гардидааанд. Нашри китобҳо таҳти дил бошад ҳам, вале беҳтар кардани муқоваи онҳоро тақозо дорад.

Дар вилоят ҳарчанд 126 корманди эҷодӣ кор карда, 78 нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ ва малакаи зарурӣ бошанд ҳам, талаб ба паёмнигорон, алалхусус ононе, ки ба забони русӣ эҷод мекунанд, хеле зиёд аст. Дар рӯзномаи ҳокимияти вилоят ба забони ӯзбекӣ шаш нафар, дар русиаш бошад, ҳамагӣ се нафар кор мекунад. Магар бо чунин теъдод сифати нашрияҳо ва ҳонданибоб кардани онро таъмин кардан мумкин аст? Албатта, не. Бо назардошти ана ҳамин вакилони ҳалқ талаб пеш гузоштанд, ки дар назди Донишгоҳи давлатии Хоразм соли оянда факултаи журналистика кушода шавад.

Дар бобати ичрои қонуни мазкур камбудиҳо нестанд. Талабҳои қонун аз тарафи шахсони масъул ва мансабдор ичро мегарданд. Аз тарафи сарварони мақомоти давлатӣ, ҳудидоракунии шаҳрвандон, роҳбарони корхонаҳо, ташкилотҳои чамоативу ғайридавлатӣ ва шахсони мансабдор ҳолатҳои монеъгӣ зоҳир карданд, додани иттилооти нодуруст ба назар нарасидааст. Саъю кӯшиш дар бобати ҳалалдор сохтани ҳуқуқҳои шаҳрвандон оид ба бархурдор будан аз иттилоот зоҳир нагардидааст. Дар бобати пешгирӣ кардани қонуншиканиҳо нақши воситаҳои ахбори оммавӣ назаррас мегардад.

Далелҳои сари вақт ба воситаҳои ахбори оммавӣ ҷавоб нагардондани баъзе сарварони ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо, шахсони мансабдор эери тозиёнаи танқид гирифта шуд ва ҳамчун ҳалалдор сохтани нуктаҳои қонуни мазкур арзёбӣ гардид. Дар айни замон зикр гардид, ки аз нигоҳи матбаавӣ беҳтар кардани сифати як қатор нашрияҳо талаб карда мешавад.

Дар маҷлис зикр гардид, ки мебояд сарварони ноҳияву шаҳрҳои вилоят фаъолияти ҳудро оид ба беҳтар кардани кори воситаҳои ахбори оммавӣ дар бобати ичрои қонунҳо пурзӯр гардонданд. Боз ҳам аз чиҳати шаклу мазмун беҳтар кардани воситаҳои ахбори оммавӣ, баланд бардоштани савияи чопи мақолаҳо, барномаҳои телевизион ва гуфторҳои радио, вусъати таъсирбахшии онҳо, пурзӯр кардани диққату эътибор нисбати таъмин будан бо кадрҳои баландмалака, афзун гардондани теъдоди чопи нусхаи рӯзномаҳои ноҳиявӣ вазифаи умдаи рӯз дониста шуд.

Дар маҷлис зикр гардид, ки бахши вилоятии Ҷонсии иттилоот ва матбуот, раёсати матбуот, таҳририяти рӯзномаву маҷаллаҳо, телерадио бояд фаъолияти ҳудро аз нав дида баромада, барои таъмини бемонеа бархурдор будани аҳолӣ аз иттилоот таъсирбахшии мақолаву барномаҳо ва гуфторҳо саъю кӯшиш намоянд, дар ин роҳ чустучӯи мунтазамонаро ба роҳ монанд, мувофиқи мақсад мебуд.

Аз рӯи масъалаҳои муҳокимагардида қарори дахлдор қабул шуд.

Т.НОДИР.

Ба пешвози даҳсолагии Конституцияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Таҷассумгари манфиатҳои халқ

Ба қарибӣ, 8 декабри соли кунун мо, омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишкадаи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд, дар қатори тамомии мардуми Ӯзбекистон, даҳсолагии қабул гардидани Қонуни Асосиамонро васеъ таҷлил менамоем. Ба ҳамагон аён аст, ки дар таҳияи он садҳо одамони донишманду сохибтаҷриба ва Комиссияи конституцсионӣ таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов иштирок намудаанд ва лоиҳаи он аз муҳокимаи умумихалқӣ гузашта, бо дурдонаҳои мардумӣ саршор гардид ва барҳаҳ ҳуҷҷати аҳамияти калони таъриҳӣ гардида, пеш аз ҳама манфиатҳои халқро ҳимоя мекунад таҷассумгари манфиатҳои инсон мебошад.

Мамлакати мо, ки истиқлолияти давлатиро ба даст овардааст, қатъан иллатҳои аз сохти пештараи тоталитарӣ боқимондаро бартараф сохта, ба халқ шароити мусоидро барои ояндаи дурахшон фароҳам меоварад ва он бесабаб нест. Чунки Ӯзбекистон ҷумҳурияти мустақили демократӣ эълон гардидааст ду дар он «халқ манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад» ва « бечуну чаро таъмин кардани волоияти Конституция ва қонунҳо» эътироф гардидааст». Давлат иродаи халқро ифода намуда, бар манфиатҳои он хизмат мекунад. Дар бадали беш аз ҳафтод сол бошад, мо дар вазъияти итоат ва сари таъзим дар назди давлат зиндагӣ кардем. Хӯҷаини мамлакат, тамоми боигариҳо ва моликияти онро мо давлат шуморидем. Ва мо дар ин боб дар Конституцсияи кунунии мамлакатамон гардиши куллиро ба вуҷуд овардаем. Яъне давлат, сохтори он, шахсони мансабдор дар назди ҷамъият ва шаҳрвандон масъул ҳастанд. Дар шароити собиқ давлати тоталитарӣ чунин аҳида ба фикри касе наомадааст. Акнун бошад, мувофиқи Қонуни Асосии имрӯзаамон инсон, ҳаёти ӯ, озодӣ, шараф, номус ва дигар ҳуқуқу озодиҳои чудонопазири он мукаддас дониста шудаанд ва ҳифзи онҳо аз тарафи давлат кафолат дода мешавад.

Дар Қонуни Асосиамон баробарии ҳамаи шаҳрвандон дар назди қонун, таъмини афзалият доштани Конституцсия ва қонунҳо аломати асосии давлати демократии ҳуқуқбунёд дониста шудааст. Усулияти афзалият доштани Конституцсия ва қонунҳо ҳамин маъниро ифода мекунад, ки ҳамаи қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар пойгоҳи Кнституцсия ва вуҷуд оварда мешаванд ва мувофиқи он бояд бошанд. Ва ин маънӣ ба нуктаи чадди бузурги мо Амир Темур пурра мувофиқат мекунад, ки гуфта буд: «дар ҷое озодӣ фароҳам мееяд, ки агар қонун мақоми воло дошта бошад».

Конституцсияи мо ба ӯзбекистониён роҳи демократии пешрафтро кафолат медиҳад, ки ба усулиятҳои умумиинсоние такя мекунад, ки ҳуқуқи озодӣ ва риоя кардан ба шаъну шарафро додаст. Ва он саодатномаест, ки ҳуқуқҳоеро пешкаш кардааст, ки халқи мо асрҳои аср барои он муборизаи бурдааст. Зеро дар ҳар як фаслу бобе он самтҳои мушаххасу муайян нисбати ҳаёт ва фаъолияти халқ баён ёфтаанд, ки барои ҳамагон меъёри ҳаётӣ гардидааст. Аз ин рӯ далели мазкур Конституцсияро эъломияи нофаҳмум не, балки мазмуни тамомии сиёсати амалие гардондааст, ки ҳукумати мамлакатамон дар тӯли ёздаҳ сол ба рӯи об мебарорад.

Як далелро алоҳида зикр кардан лозим мееяд. Конституцсияи Ӯзбекистон таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов ва бо иштироки фаъолонаи шаҳрвандон таҳия гардидааст, таҷассумгари манфиати халқ асту бахри манфиатҳои инсон, бахту саодати он хизмат мерасонад. Масъулияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар назди ҷамъият ва шаҳрвандон дар моддаи алоҳида зикр гардидааст.

Дар Қонуни Асосӣ дар соҳаи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон бисёр дигаргуниҳои мусбӣ мавҷуданд. Ва он пеш аз ҳама тамомии матлабҳои принсипиалии Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон—дахлнопазирии зиндагӣ, шахсият ва озодии инсонро дар ҳуд таҷассум гардондаст.

Шаҳрвандон ва давлат дар заминаи ҳуқуку ўҳдадориҳо ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Шаҳрвандро бидуни қарори суд аз ҳуқуқу озодиҳо маҳрум кардан ва ё маҳдуд сохтан мумкин нест. Дар айни вақт татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон набояд бар хилофи манфиатҳои қонунии дигар шаҳрвандон, давлату ҷамъият сурат гирифтанаш, ба алохидагӣ зикр ёфтааст. Дар моддаи 13 зикр гардидааст, ки арзиши аз ҳама воло инсон, ҳаёт, озодӣ, шаъну шараф ва дигар ҳуқуқҳои чудонопазири он ба ҳисоб меравад. Ягон кас барои аз шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи тағйир додани шаҳрвандӣ маҳрум кардан ҳуқуқ надорад. Шаҳрвандӣ барои ҳамагон новобаста ба он ки дар ҳамон асос онро гирифтаст, як хел баробар мебошад. Шаҳрвандӣ ба ҳар як инсон имкон медиҳад, ки комилан дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангии ҷумҳурият иштирок намояд. Ҳар як шахс метавонад танҳо шаҳрванди як давлат гардад.

Дар Конституцсия ба масъалаҳои озодии афкор, озодии виҷдон ва эътиқод, ки ҳуқуқи чудонопазири ҳар як инсон мебошад, диққати калон дода шудааст. Ва он ба аньанот, урфу одати дар ҷумҳурият ба амал омада, сарватҳои амиқи ахлоқиву маънавии халқамон пурра мувофиқат мекунад.

Конституцсияи мамлакатамон ба арзишҳо ва аньаноти халқи Ӯзбекистон пурра созгор ast. Барои тасдиқи фикр танҳо ба моддаҳои 64 ва 66-уми Қонуни Асосӣ мурочиат кунем, кофист. Дар онҳо зикр гардидааст, ки волидон ўҳдадор ҳастанд фарзандони ҳудро то синни ба балоғат расидан тарбия кунанд, ҳўронанду пўшонанд. Дар навбати ҳуд фарзандони ба балоғатрасидаи қобили мехнат ўҳдадор карда шудааанд, ки ба волидони ҳуд ғамхорӣ кунанд. Ва ҳамин қабил нуктаҳои муҳимро, ки ба тарзи ҳаёт, аньанот ва урфу одати халқамон ҳосанд, дар ягон Конституцсияи даврои салтанати пештара мушоҳида карда наметавонем.

Конституцсияамон ба тамомии талабу меъёрҳои байналхалқӣ, аз он ҷумла дар соҳаи ҳуқуқу ўҳдадориҳо пурра мувофиқат мекунад. Ба максади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон арзи амал кардани се рукни ҳокимияти мустақил, аз он ҷумла ҳокимияти судӣ алоҳида зикр ёфтаст.

Ҳокимияти судӣ дар баробари дигар рукнҳои ҳокимият танҳо ба қонун итоат мекунад. Ва набояд фаромўш кард, ки дар соҳти пештара суд ҳамчун силоҳи зўроварӣ ва фишороварӣ арзи ҳастӣ карда, танҳо ба низоми маъмуриву фармондиҳӣ хизмат кардааст.

Мўътамад ҳастам, ки Конституцсияамон, ки даҳсолагии қабул гардиданашро васеъ таҷлил менамоему он аз ғамхориҳо нисбати инсон саршор аст, асрҳои аср барои фаровонии халқамон ва бахту саодати он хизмат мекунад.

Замира ЭСАНОВА,
омӯзгори кафедраи «Раванди шаҳрвандӣ»-и Донишкадаи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд.

Суханронии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар саммити Шӯрои шарикии Авроатлантика

Мӯҳтарам ҷаноби Раис,

Мӯҳтарам сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо,

ичозат фармоед суханони миннатдории ҳудро барои фароҳам овардани имконияти суханронӣ дар чунин анҷумани баобрӯи НАТО баён кунам, ҳамчунин фикру мулоҳизаҳои хешро оид ба масъалаҳои муҳокимагардида муҳтасар ифшо созам.

Аввало. Баъди воқеаҳои фочиабори 11 сентябри соли 2001 ба амалиётҳои террористии мудҳиши дар ғўшаҳои мухталифи ҷаҳон такрорёбанда, ки боиси қурбонии одамони тамоман бегуноҳ мегардад, ба дарки ҳақиқати талх, яъне аз ин таҳдиди даҳшатноки ягон мамлакат ҳудро бехавф ҳис намекунад. Эътирофро дар ин бобат тасдиқ мекунад, ки амниятӣ ҳақиқатан ҷудонопазир ва танҳо баробари муттаҳид кардани саъю кӯшиши муштарак ин балои терроризми хавфаш афзояндаро бозҳоштан ва бартараф кардан мумкин аст.

Ман қарорро дар бораи ба узвияти нави НАТО қабул кардан, дар бобати ба роҳ мондани муносибатҳои сифатан нав бо мамлакатҳое, ки ба таркиби НАТО шомил нестанд, дар навбати аввал Россияро, ҳамчунин амалӣ гардондани тадбирҳои алоқаманди мосгардониву тағйир додани сохтори НАТО ба даъватҳои нав ва таҳдиду амниятӣ хайра мадам мегўям.

Вазъиятро аз рӯи амниятӣ дар минтақаамон арзёбӣ намуда, зарур аст зикр кунем, ки вай имрӯзҳо аз он ки як сол муқаддам буд, мохиятан тайғир ёфтааст.

Мамлакатҳои мо аз хуруҷҳои вайронкоронаи дастаҳои ғоратгару террористони ҳар сол такрорёбанда аз ҳудуди Афғонистон ва он махсусан муҳим аст, ки аз хавфу хатари доимии таҳдид ба ҳудудҳоямон аз тарафи толибон, ки дар паси онҳо неистоданду аз ҳуд рафта буданд, ҳалос шуданд.

Ӯзбекистон ҳамчун мамлакате, ки марҳалаи аз ҳама масъулиятноки амалӣ гардондани амалиётҳо дар Афғонистон барои ҳуд қарори муҳимро ойди ҷонибдории муоҳиди зиддитеррористӣ қабул кард, ба тамомии мамлакатҳое, аз он ҷумла дар навбати аввал ба ИМА миннатдории ҳудро баён месозад, ки ба ин кор сару сарварӣ карду бори асосии барҳам задани манбаъҳои байналхалқии терроризм ва баргардондани Афғонистонро ба ҳаёти осудаҳолона ба зиммаи ҳуд гирифт.

Баробари ин мо хуб дарк кардем, ки вазъияти дар Афғонистон ва ҳудудҳои сарҳадӣ то ҳанӯз ҳаллу фасли хотимавии ҳудро пайдо накардааст.

Дар ин макон ҳанӯз бисёр муаммоҳои ҳалношуда, дар навбати аввал алоқаманди зарурати демилитаризатсия, ба вуҷуд овардани артиши миллӣ ва ташаккули сохтори давлатӣ, ичрои қарори конфронси Токио оид ба дарёфти маблағи зарурӣ ва амалӣ гардондани барномаҳои қарор ёфтани сулҳу осоиш дар Афғонистон мебошанд.

Ба ҳамин муносибат, ба пиндори ман, як хулосаи муҳим бармеояд.

Таҷрибаи Афғонистон, вақте ки дар тўли дахсолаҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он, ки мамлакати мазкур ба машқҳои ҳар гуна мутаассибон, экстремистон ва террористон мубаддал гардид, бефарқона муносибат кард, дар ин бора пеш аз ҳама ҳарф задан лозим мееяд, ки ҳамеша нисбати оқибатҳои он муборизе бурдан ба сари вақт ошкор сохтани сабабҳое, ки терроризмро ҳамчун даъвати хавфнок ба тамаддуни ҷаҳонӣ ба вуҷуд овардааст, душвор ва мураккаб мебошад.

Ба ҳамин муносибат ҷонибдории қатъиву собитқадамонаи ИМА дар саъю кӯшиши роҳ нагузоштан ба рафти ҳаминқабилаи манфии рушди воқеаҳо дар дигар минтақаҳои ҷаҳон, аз он ҷумла Ироқ фаҳмову ба пуштибонӣ сазовор аст.

Дуюм. Имрӯзҳо терроризми байналхалқӣ ба наркотрафик бевосита алоқаманд гардидааст, ки онро таъмин месозаду шакли таҷовузи ҳақиқии нашъамандиро мегирад.

Махсусан пайваста афзудани ҳаҷми истеҳсоли моддаҳои нашъамандӣ ва махсусан аз Афғонистон сар шудан роҳи аз ҳама калони наркотрафик боиси ташвиш ва ҳатиҳои калон мебошад.

Наркотрафики байналхалқӣ, ки дорои захираҳои калони молиявӣ ва дигар захираҳост, дар навбати аввал низоми пуруввату ҳуб ташкилёфта мебошаду онро саросарии ҷаҳон имрӯзҳо дар амал ҳис мекунад, таҳдиди воқеӣ ба ҳаёти миллионҳо нафар одамон мебошад.

Мутаассифона, он барномаҳое, ки ба миқдори зиёд имрӯзҳо таҳти васояти ташкилотҳои мухталифи байналхалқӣ ба рӯи об бароварда мешаванд, он тадбирҳое, ки мо метавонем ба ин таҳдид дар минтақаи Осиёи Марказӣ муқобил гузорем, байни ҳам бад мутобиқ гардидаанд ва бо захираҳои зарурии молиявӣ ва моддӣ таҳким бахшида нашудаанд.

Ба пиндорам, зарурат ба он нест исбот намоем, ки ба ҷои ин барномаҳои пароканда бояд марказӣ ягонаи аниқ, қатъан ва хуб фикрардашудаи низоми тадбирҳои пешгириқунандаву огоҳқунандаи идорашаванда ояд, ки дар навбати аввал ба барҳам задани манбаи ин таҳдиди мудҳиш ва дар минтақа ба вуҷуд овардани ба ном «камари амниятӣ» нигаронда шавад.

Сеюм. Ӯзбекистон ба фаъол гардидани амалиёти мутақобилаи мамолики НАТО бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, дар навбати аввал ба пурзӯр кардани ҳамкорӣ дар бобати таъмини амниятӣ диққату эътибори калон медиҳад.

—Мо ҳамкории рушдёбандаро воло арзёбӣ мекунем ва тарафдори вусъат додани муносибатҳои мутақобилаи шарикӣ бо НАТО, ки ба ислоҳсозии Қувваҳои Мусаллах, ба вуҷуд овардани марказҳои илмиву таълимиву иттилоотӣ барои тайёркунии кадрҳои ҳарбӣ, бо силоҳи замонавӣ ҷиҳозонидани сарҳадӣ, такмил додани тайёрӣ ба мубориза ба муқобили терроризм мебошем,—гуфт Ислом Каримов.

Дар ин ҷо ҳоиз аст, зикр намоем, ки ҳамкории Ӯзбекистон ва мамолики Осиёи Марказӣ бо НАТО ба манфиати яктарафа нигаронда нашудааст. Ба мӯътадилии минтақаҳо НАТО ба дарачаи муайян ба амниятӣ минтақаи мо такя мекунад. Яъне, дар мавриди дигар ягон минтақа ва ё мамлакат худро аз таҳдид бехавф ҳисобида наметавонад, Маълум аст, ки бо ташаббуси Ӯзбекистон ва саъю кӯшиши муштараки мамолики Осиёи Марказӣ Ассамблеяи Генералии СММ Резолютсияро дар бобати дар минтақаи мо созмон додани минтақаи аз силоҳи ядроӣ орӣ қабул намуд. Қарори ташкилоти мазкур дар бораи пахн накардани силоҳи қатли ом мавҷуд аст. Аз тарафи тамоми давлатҳо ичро кардани таъмини талаботи ҳуҷҷатҳои мазкур ҷамҳунин самти муҳими ҳамкориамон бо НАТО мебошад.

Сарвари давлатамон онро ба тариқи зайл тавзеҳ дод. Ҳоли ҳозир террористон ҳаракат доранд, ки соҳиби силоҳи кимёвӣ, биологӣ, ядроӣ ва дастоварди волотехнологӣ гарданд. Ин чунин маън

Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Дар бораи далелҳои қонунишканӣ дар фаъолияти обектҳои хусусигардондашудаи савдо ва соҳаи хизматрасонӣ

Ба хотири ичрои Амри Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 23 сентябри соли 2002 рақами Р-1629 Девони Вазирон **қарор мекунад:**

1. Ба маълумот гирифта шавад, ки комиссияи махсусе, ки бо Амри Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 23 сентябри соли 2002 рақами Р-1629 созмон ёфтааст, тафтиши вазъи обектҳои савдои чаканаро гузаронд ва оқибат чунин қонуншиканиҳои ҷиддиро ошкор сохт:

Бар хилофи қонунгузории ҷорӣ соҳиби 1716 корхонаи савдои хусусигардондашуда худсарона самти фаъолиятеро, ки дар шартномаи хусусигардондашуда баён гардидааст, вайрон кардааст. Миқдори зиёди чунин қонуншиканиҳо дар вилояти Тошканд (592), вилояти Фарғона (316) ва шаҳри Тошканд (255) мебошанд.

Аз тарафи ташкилотҳои савдо даҳалона вайрон кардани қоидаҳои савдо, инкассатсияи пули аз савдо ҳосилгардида ҷой доранд.

Дар рафти тафтиш муқаррар гардид, ки 3640 обекти хусусигардондашудаи савдои чакана фаъолият пеш намебаранд. Миқдори онҳо дар вилояти Сурхондарё-606, вилояти Андичон-621, Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон-348 адад мебошад. Зиёда аз 5 ҳазор обекти савдо қонуни андозро халалдор сохтаанд. Ҳангоми тафтиш дар 4169 мағоза аппарати назоративу кассагӣ набуд, дар 2815 мағоза қоидаи инкассатсия кардани пули нақд халалдор гардида буд. Зиёда аз 4,6 ҳазор мағозаи савдо бидуни рухсатномаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо фаъолият пеш мебаранд.

Дар бисёр мавридҳо аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ сохтану тачдиди обектҳои савдову адои хизмат ба меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмони шаҳрвандӣ мувофиқат накардааанд, қариб 4 ҳазор корхонаи савдо аз рӯи дизайни дохиламе беруна ба талаби пешгӯошта мувофиқат намекунанд. Ба меъёрҳову талабҳои санитарӣ 4465 мағоза (12,1 фоизи корхонандашон) ҷавобгӯ нестанд.

Майдонҳои тичоратии мавҷуда ба дараҷаи паст истифода бурда мешаванд. Дар мағозаҳои хусусигардондашуда онҳо аз 30-40 фоиз зиёд нестанд, майдонҳои бокимонда ба ичора дода шудаанд ва ё бар хилофи қонунгузории ҷорӣ ба ҳар гуна хонаҳои бозӣ ва муассисаҳои вақтхушӣ аз нав чиҳозонида шудаанд. Аз он ҷумла, дар заминаи 513 мағозаи хусусигардондашуда бозихонаҳо, муассисаҳои вақтхушкунӣ, минҷумла 323 биллиардхона созмон ёфтаанд.

Бар асари қонуншиканиҳои дар боло номбаргардида ба манфиатҳои шаҳрвандон, пеш аз ҳама ба таъмини дараҷаи зарурии савдо ва адои хизмат дар маҳали истиқомат зарари калон расонда мешавад. Чунин вазъият, ки дар соҳаи савдо ва адои хизмат ба миён омадааст, тоқатнофарсо ҳисобида шавад.

2. Ба Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супурда шавад:

назорати қатъиро аз болои дар бадали ду моҳ ислоҳ кардани камбудиҳои ошкоргардида ба роҳ монанд ва тадбирҳои таъсирбахшро оид ба пешгирӣ кардани минбаъда рух надодани онҳо андешанд;

меъёрҳо ва санадҳои меъёрии идораҳоро аз нигоҳи танқидӣ аз нав дида бароянд, ки боиси сар задани қонуншиканӣ дар соҳаи савдо ва адои хизмат мегарданд.

Аз хусуси натиҷаҳои кори ба ичрорасида Девони Вазиронро то 20 январи соли 2003 хабардор созанд.

3. Муқаррар карда шавад, ки:

тағйир додани соҳаи фаъолияти корхонаҳои хусусигардондашудаи савдо ва адои хизмат танҳо бо ризоияти Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарии Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар асоси таклифҳои Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд амалӣ гардонда мешавад;

обектҳои савдои чаканае, ки озуқаворӣ мефурўшанд ва бо назардошти меъёри дастрасӣ ва ҷонибдории адолӣ ҷойгир шудаанд, ба азнавтахассусонӣ мансуб нестанд.

Ҳини худсарона тағйир додани соҳаи фаъолият аз тарафи корхонаҳои хусусигардондашудаи савдо ва адои хизмат баробари халалдор сохтани нуктаҳои банди мазкури қарор шартнома дар бораи хусусигардонӣ беэътибор дониста мешавад ва обект ба фурўши минбаъда баробари ба амволдори обекти хусусигардондашуда додани чўбронпулии пештар додааш мансуб аст.

Ба Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарии Ҷумҳурияти Ўзбекистон якҷоя бо маҷмўъҳои Девони Вазирон, вазорату идораҳо, корпоратсияҳо, ширкатҳо, ассотсиатсияҳо, Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супурда шавад, ки мониторинги доимиро аз болои аз тарафи соҳибони обектҳои савдо ва соҳаи адои хизмат, ҳамчунин дигар корхонаҳои хусусигардондашуда ичро кардани шартҳои нигоҳ доштани соҳаи фаъолияте, ки дар шартномаи хусусигардонӣ пешбинӣ гардидааанд, таъмин созанд.

4. Ба Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, Сарраёсати давлатии меъморию назорати сохтмони Кумитаи давлатии меъморию сохтмони Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки талабро нисбати аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ ичрои нуктаҳои қонунгузорӣ дар бораи сохтмони шаҳрвандӣ ҳангоми сохтмони обектҳои савдои чакана пурзўр гардонда, рушди шабакаҳои савдоро дар минтақаҳо бо назардошти хусусияти истиқомат ва пурра ба фаро гирифтани аҳолӣ бо хизмати савдо таъмин созанд.

5. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор супурда шавад:

дар тўли даҳ рўз ба Девони Вазирон таклифро оид ба даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷорӣ пешкаш кунанд, ки аз қарори мазкур бармеояд;

дар бадали як моҳ санадҳои меъёрии идораҳоро ба қарори мазкур мувофиқ гардонанд.

6. Назорати ичрои қарори мазкур ба зиммаи ҷонишинони Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ў.Исмоилов ва М.Усмонов гузошта шавад.

Раиси Девони Вазирон И.КАРИМОВ.

Шаҳри Тошканд, 21 ноябри соли 2002.

Натиҷаҳои соли хоҷагидорӣ

Дар Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии оби Ўзбекистон маҷлис бахшида ба муҳокимаи корҳое, ки дар соли хоҷагидории 2002 ба ичро расонда шуданд, камбудиву хатоҳои роҳгузошта ба амал омада, дар он сарварони вазорату қумитаҳо, ширкатҳо, идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор, вазири кишоварзӣ ва хоҷагии оби Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҷонишинони аввали ҳокимони вилоятҳо, ҳокимони як қатор ноҳияҳо, раисони хоҷагиҳои ширкатӣ ва фермерӣ иштирок намуданд.

Маҷлис таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.Ҷўрабеков гузашт.

Оид ба масъалаҳои рўзномаи кор ҳисоботи ҷонишини аввали вазири кишоварзӣ ва хоҷагии об С.Бегалиев ва ҷонишини раиси Ширкати давлативу саҳҳомии «Ўзкишлоҳҳўжаликкимё» Ш.Муҳаммадалиев ва дигарон шунида шуданд.

Баробари ҳарф задан оид ба амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ дар кишоварзии мамлакат, ки таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов ба рўи об бароварда мешаванд, зикр ёфт, ки дар нимаи якуми соли кунун 66 корхонаи кишоварзӣ ба шакли ширкатии хоҷагидорӣ гузаронда шуданд. Дар заминаи 83 хоҷагӣ 3445 хоҷагии фермерӣ созмон ёфта, ба онҳо 135,3 ҳазор гектар замин ҷудо гардид.

Соли ҷорӣ аз ғалладона ҳосили фаровон ба даст омад. 4 миллиону 714 ҳазор тонна ғалла тайёр карда шуда, нақша дар ин бобат 109,6 фоиз ичро гардид. Сабаби он дар ҷудо кардани заминҳои хуб, кишти ғалла ба замини хуб тайёршуда, амалӣ гардондани тамоми тадбирҳои зарурӣ дар мўҳлати пешбинигардида дар заминҳои обёришавандаву лалмӣ мебошад.

Соли ҷорӣ да туфайли меҳнати қаҳрамононаи баҳодурони саҳро дар мамлакат 3 миллиону 200 ҳазор тонна пахта тайёр гардида, ҳосилнокӣ аз ҳар гектар ба 22,5 сентнерӣ рост омад. Вале дар як қатор маҳалҳо нишондиҳандаи мазкур хеле кам гардидааст. Аз он ҷумла, дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ҳосилнокӣ аз ҳар гектар ба 9,7 сентнерӣ, вилоятҳои Сирдарё—11,6, Хоразм 15,1 ва Чиззах 16 сентнерӣ рост омадааст. Дар бобати амиқгардонии ислоҳот дар соҳа, созмон додани хоҷагиҳои ширкативу фермерӣ, амалӣ гардондани ҷараёни ҳисобу китоб, ба вуҷуд овардани механизми манфиатдории моддӣ, истифодаи замин, захираҳои обу дигар захираҳои истеҳсолӣ ба қонуншиканӣ, яғмогарӣ ва дигар иллатҳои ҷиддӣ роҳ гузошта мешавад. Дар як қатор хоҷагиҳо то ҳол корҳо оид ба ҳисобу китоби дохила бо пудратчиён ба роҳ монда нашудааст. Вазифаи минбаъда роҳ нагузоштан ба ҳамин қабил камбудиву хатоҳо, ба тезӣ халос шудан аз кайфияти туфайлиҳўрӣ, тадбиргарона пеш бурдани корҳо, боз ҳам пурзўр кардани ҳисси манфиатдории деҳқонон, васеъ ба роҳ мондани ҳаракати фермерӣ мебошад.

Дар маҷлис Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Т.Алимов, ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Н.Юсуфов иштирок намуданд.

(Мухбири худамон).

Ба пешвози иҷлосияи Х Олий Маҷлис

Пеши роҳи қонуншиканиро мебандад

Ўзбекистон кишвари назаркардаи Оллоҳ аст ва аз ҳамин сабаб баробари иқлими мусоид, табиати мафтункор, набототу ҳайвоноти сершумор соҳиби боигариҳои калонест, ки дар қаъри замин мебошанду сарвати умумихалқӣ ба ҳисоб мераванд. Ва вазифаи умдаи имрўза ҳамин аст, ки аз ин боигарӣ босамар, басарфа ва эҳтиёткорона истифода бурду барои баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ бобаркаш харҷ намуд. Маълум аст, ки дар ин бобат қонуни 23 сентябри соли 1994 қабул гардида, то ҳол арзи ҳастӣ мекунад. Азбаски ҳаётамон пеш рафту дигаргуниҳои куллӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба амал омаданд, бисёр меъёрҳои қонуни мазкур кўҳна гардида, ба ҷараёнҳои ислоҳот дар мамлакатамон мутобиқат намекунанд. Аз он ҷумла баъзе нуктаҳои он бар хилофи моддаҳои ҷудогонаи Кодексҳои замин ва шаҳрвандӣ, қонунҳо «Дар бораи ташхиси экологӣ», «Дар бораи созишномаи оиди таҳсими маҳсулот», «Дар бораи партовҳо» мебошанд. Бо назардошти он ва тағйиротҳои мусбие, ки дар мамлакатамон рух доданд, кумитаҳои Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои ҳифзи табиат ва муҳити атроф, оид ба саноат, нақлиёт, сохтмон ва алоқа лоиҳаи нави қонуни таҳия намуда, ба ҳукми вакилони халқ дар иҷлосияи нўҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм пешкаш карданд ва он дар қироати аввал маъқул дониста, ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид. Ва инак, он бо дурдонаҳои мардумӣ ғанӣ гардида, дар иҷлосияи навбатии парлумон дар қироати дуввум ба ҳукми вакилони халқ пешниҳод карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки лоиҳаи қонуни мазкур намудҳо ва мўҳлати истифодабарии боигариҳои қаъри замин, ҳуқуқ ва ўҳдадориҳои истифодабарандагони онро муайян карда, талабҳои асосиву муҳимро дар бобати истифодаву ҳифзи боигариҳо, асосҳои қатъ гардондану маҳдуд сохтани ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои қаъри замин пеш гузоштаст.

Мақомоти мушаххасро аниқ кардааст, ки назорати давлатиро дар соҳаи мазкур ҷомаи амал мепўшонанду аз болои тадқиқотҳои геологӣ, истифодаву ҳифзи боигариҳо мониторингро ба рўи об мебароранд.

Дар моддаи алоҳида зикр ёфтааст, ки боигариҳои қаъри замин пулакиву ғайрипулакӣ истифода бурда мешаванд. Дар он асосҳои ҳуқуқии аз чиҳати моддӣ рағбатноксозии кушодани конҳои канданиҳои фоиданок, пойгоҳи ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва экологии оқилона, сарфакорона, маъмурӣ истифода бурдани боигариҳо возеҳу равшан баён гардидааанд.

Дар чанд моддаи он дар хусуси истихрочи канданиҳои фоиданок ва истифодаи воҳидҳои маъданҳои техногенӣ ҳарф зада шудааст ва аҳамияти калон дорад. Ҷалб сохтани сармояҳои хоричӣ ба ҷодаи мазкур, шарти амалӣ гардондани корҳо дар ин бобат баён гардидааанд.

Фарқияти лоиҳаи қонун аз қонуни пештараи ин соҳа ба маблағ даҳл дорад. Дар қонуни пештара ба ин ҷода сарф кардани танҳо маблағи бучаӣ пешбинӣ гардида буд. Акнун бошад, қитъаҳи замин барои тадқиқи геологӣ ба тадбиргарон ҳам пешкаш гардиданаш мумкин аст, ки асосо онро рухсатнома барои ҳуқуқи истифода бурдани қитъаи замин ташкил медиҳад. Дар он мафхуми тамоман нав истифода шудааст, ки «ғарамҳои кўҳӣ» ном дорад. Ва он асосан партовҳои истеҳсолии конҳо мебошад, ки то ҳол дар бисёр маҳалҳо бесоҳиб мондаанд. Мақоми ҳуқуқии «ғарамҳои кўҳӣ» номбар гардидааст. Чӣ тавр додани рухсатномаи дахлдор ба ҳуқуқи истифодабарии конҳои қаъри замин баён гардидааст. Як моддаи алоҳида оид ба меъёри имконияти тағйир додани шарту шароит ба ҳуқуқи азхуд намудан ва истифодабарии конҳои қаъри замин бахшида шудааст. Ва он бешак барои ошкор сохтани боигариҳои иловагии саноатии кони тадқиқотгаридида кўмаки калон мерасонад.

Ваколатҳои ҳукумат, идораи ба ин соҳа масъул, мақомоти ҳокимияту идораи давлатӣ дар маҳалҳо дар соҳаи танзими муносибатҳои ихтиёрдорӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи боигариҳои қаъри замин возеҳу равшан баён гардидааанд.

Бешак, агар лоиҳаи қонун дар қироати дуввум аз тарафи вакилони халқ дар иҷлосияи навбатии парлумон, ки 12 декабри соли кунун ба амал мояд, пазируфта шавад, дар он сурат саравваи барои пешгирии қонуншиканӣ дар соҳаи мазкур, бастани роҳи ғайриқонунӣ ва бебаркаш истифода бурдани боигариҳои қаъри замин хизмат мерасонад.

Эшқобил РАҲМАТОВ,
дотсент.

Бинои мазкур соли 1910 сохта шуда, дар бунёди он устоён аз Чин ва Ҷопон иштирок намудааанд. Дар солҳои истиқлолият бинои мазкур аз нав тармим гардида, ба бахши қўқандии «Пахтабанк» мубаддал ёфт.

Дар сурат: бинои бахши қўқандии «Пахтабанк».

Аксбардор: Т. МАҲҚАМОВ.

Акси садо

Ҷонибдории аҳли ҷамъияти ҷаҳон

Маърўзаи Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов дар иҷлосияи нўҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм «Дар бораи самтҳои устувори боз ҳам амиқгардонии дигаргуниҳои демократӣ ва ба вуҷуд овардани асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ дар Ўзбекистон», ки ҳамчунин ҳуччати барномавӣ эътироф гардидааст дар байни аҳли ҷамъияти мамолики хориҷа низ майлу шавқи калон пайдо кардааст. Ва инро аз акси садое низ дидан мумкин аст, ки ба ваколатхонаҳои дипломатии мамлакатамон дар мамлакатҳои хориҷа мерасанд.

Мири шаҳри Сувони Куриёи Ҷануби Сим Че Ток дар мактуби ирсолкардаи худ ба унвони сафоратхонаамон дар Сеул чунин навиштааст: **«Матни маърўзаи Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримовро дар парлумони мамлакататон бо шавку завқи калон мутолиа кардам. Маърўзаи мазкур садоқатмандии ҳукумат ва халқи ҷумҳуриятро нисбати роҳи интихобкардаи тараққиёти дунёвӣ, фаровонӣ ва давлати демократии пурқувват бори дигар собит мекунад. Тавассути таъмини баркамолии маънавиву ҳуқуқии ҳар як шаҳрванди Ўзбекистон, дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ иштироки онҳо дар сохтмони давлатӣ фаъолтар мегардад, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ мустаҳкам мегардад ва бо ҳамин баланд бардоштани мавқеи онҳо оиди ба даст овардани комёбиҳо таъмин месозад ва саъю кўшишҳо дар ин бобат боиси диққату эътибор мебошанд».** Сим Че Ток таъкид менамояд, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ изҳороҳои ҳаммаҷониба ва аз ин рў тавассути додани ваколатҳои калон ба оммаи халқ фаъолияти онҳо боз ҳам пурзўр мегардад ва бо ҳамин васила иштироки фаъолона дар идораи давлату ҷамъият таъмин карда мешавад.

Доираҳои сиёсии Маскав низ ба маърўзаи Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов фикру мулоҳизаҳои худро баён месозанд. Ба фикри сарвари шўъбаи маскавии Маркази Корнегӣ, сиёсатшиноси машҳури россиягӣ Александр Малашенко, маърўзаи мазкур **«аз бисёр ҷиҳат ҳуччати барномавӣ буда, баробари гузоштани таассуроти ҳис кардани воқеият, сиёсати ояндаи давлатро акс кунондааст».**

Сарвари Бунёди рушди низоми парлумон ва иттилоати ичтимоии Маскав Виталий Арсентев ана ҳамин фикри болоиро маъқул дониста, дар айни замон зикр намудааст, ки дар маърўзаи ҳуд роҳбари давлатамон Ислом Каримов дар Олий Маҷлис «тасаввуроҳои равшани худро дар бораи истиқболи рушди ояндаи давлати ҷавон баён кардааст».

Ба Сафоратхонаи Ўзбекистон дар Олмон ҳамоно фикру мулоҳизаҳо оид ба маърўзаи сарвари давлатамон ва акси садоҳо мерасанд. Дар байни онҳо мактуби Сармуншии Иттиҳоди христианӣ-демократӣ Лауренс Майер ҳам мебошад, ки яке аз ҳизбҳои номдори ҶФО ба ҳисоб меравад. **«Маърўзаи роҳбари Ўзбекистон, таъкид гардидааст дар мактуби мазкур, саъю кўшиши муҳимро дар бобати суръати баланд бахшидан ба рушди иқтисодиву сиёсии мамлакат намоиш медиҳад. Ҷоиз ат таъкид намоем, ки Олмон аз ба роҳ мондани ҳамкории зич бо Ўзбекистон манфиатдор мебошад. Аз тарафи Ўзбекистон ҷонибдорӣ карда шудани мубориза бар зидди терроризм шарики боэътимод будани мамлакататонро намоиш медиҳад».**

ОИ «Ҷаҳон».

Супурдани эътиборнома

Сафири Фавкулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар Ҷумҳурияти Туркия Р.Исоев, ки дар айни замон муштаракан сафир дар Ҷумҳурияти Африқои Ҷануби мебошад, эътиборномаи худро ба Президенти ҶАҶ Табо Мбеки супурд.

Дар рафти сўҳбате, ки баъди маросими супурдани эътиборнома ба амал омад, пешомадҳои рушди муносибатҳои дучониба мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

ОИ «Ҷаҳон».

Ба пешвози даҳсолагии Конституцияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Маҳсули хирадмандии сиёсӣ ва тафаккури мардум

Яке аз хусусияти муҳими Конституцияи нави давлати мустақили Ўзбекистон дар он аст, ки ташкил ва сохтори ҳокимияти давлатӣ дар заминаи усулияти таҳсими ҳокимият ба вуҷуд оварда мешавад. Гузаштаи бузурги мо Амир Темур бо ҳарфҳои заррин чунин сатрҳоро нигошта буд: «Дар кучое, ки қонун ҳукмронӣ мекунад, дар он ҷо озодӣ ҳаст». Ҳокимияти қонунбарор, ичроия ва судӣ ин ҳама се рукни асосии давлат мебошанд.

Ва нақли минбаъдаи мо доир ба ана ҳамин се рукни ҳокимият дар асоси талабҳои Конституцияи сурат мегирад.

VII. Рукнҳои ҳокимият кадомҳоянд?

Фасли панҷуми Конституция ташкили ҳокимияти давлатӣ ном дошта, аз моддаи 76 то моддаи126-ро дар бар гирифта, аз нўҳ боб иборат аст. Дар онҳо се рукни ҳокимият-қонунбарор, ичроия, судӣ тавзеҳи пурраи худро ёфтааст. Онҳо баробарҳуқуқанд ва ба ҳамдигар вобаста намебошанд.

Боби XVIII «Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон» ном дошта, аз 13 модда иборат аст. Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳокимияти қонунбарор буда, вай сохтори олии давлатии сернамояндагӣ мебошад. Олий Маҷлис аз 250 вакили халқ иборат буда, аз ҳавзаҳои интихоботӣ дар пойгоҳи серҳизбиву сернамояндагӣ ба мўҳлати панҷ сол интихоб карда мешавад. Ба он шаҳрвандоне ҳамчун вакили халқ интихоб гардиданашон мумкин аст, ки то рўзи интихобот ба синни 25 расидааанд.

Олий Маҷлис ба қабул кардани Конституция, даровардани тағйироту иловаҳо ба он, қонунҳо, муайян кардани самтҳои асосии сиёсати дохила ва берунаи Ўзбекистон, қабули барномаҳои стратегии давлатӣ, муайян кардани сохтор ва ваколати созмонҳои ҳокимияти қонунбарор, ичроия ва судӣ, қабул кардани Бучаи давлатӣ ва рафти назорати ичрои он, таъин кардани интихобот ба Олий Маҷлис ва сохторҳои маҳаллии сернамояндагӣ, созмон додани Комиссияи Марказии интихоботӣ, тасдиқ намудани қарорҳои Кенгаши Олий Маҷлис, фармонҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон, тасдиқ кардан ва безэътибор донистани шартномаву созишномаҳои байналхалқӣ, тасдиқ намудани пешниҳодоти Президент оид ба вазифа таъин кардани сарварони вазорату идораҳои дахлдор, таъсис намудани мукофотҳо ва унвонҳои давлатӣ ва дигар ваколатҳо ҳуқуқ дорад.

Дар моддаи 78 ваколатҳои мутлақи Олий Маҷлис возеҳу равшан ифода гардидааанд, ки аз 24 банд иборат мебошад.

Раиси Олий Маҷлис ба чӣ гуна ваколатҳо соҳиб буданаш дар моддаи 85 акси худро пайдо кардааст ва он аз 13 банд иборат мебошад. Ҳамчунин дар боби XVIII Конституция фаъолияти кумитаву комиссияҳои Олий Маҷлис бо кадом тартиб пеш бурданашон нишон дода шудааст.

Боби XIX ва XX ба ҳокимияти ичроия бахшида шудааст. Ҳокимияти ичроия гўёӣ мо пеш аз ҳама Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистонро дар назар дорем.

Боби XIX аз 9 модда иборат аст ва ба ҳуд «Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон» ном гирифтааст. Дар ҳамаи нўҳ моддаи мазкур ваколату вазифаҳои Президент ҳамчун сарвари давлату ҳокимияти ичроия муфассал баён гардидааанд. Дар як мақолаи кўчак ҳамаи онҳоро номбар кардан душвор аст ва аз ин рў ба чиҳатҳое диққату эътибор медиҳем, ки ба назар аҳамияти ҳалкунанда доранд. Агар сараввал дар бораи қасамёди Президент сухан ронем, ҳуд аз ҳуд аён мегардад, ки ба зиммаи Президент чӣ гуна бори гарони гузошта мешавад. Дар моддаи 92 он ин тавр баён гардидааст:

«Президент аз вақти дар иҷлосияи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон қасамёд кардани матни зерин ба адои вазифа шурўъкарда ҳисобида мешавад:

«Тантанавор қасамёд мекунам, ки ба Конституция ва қонунҳои ҷумҳурият қатъан риоя мекунам, ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон кафолат медиҳам, вазифаҳои ба зиммаи Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон вогузоштаро таҳтидилона ба ичро меоварам».

Ва сатрҳои мазкурро муоина карда, пеши назарамон манзараи қасамёд кардани Президенти Ўзбекистон меояд. Сарвари давлат як дасти худро ба Конституция ва дасти дигарро ба болои Қуръони Карим гузошта, на танҳо дар назди парлумон, балки тамоми халқ қасамёд карда буд. Ва он дар ҳақиқат лаҳзаҳои таъриҳӣ ба ҳисоб мераванд.

Президент кафолатгари Конституция мегўяд ва дар замири ин суханон маъноӣ зиёде ниҳон аст. Ва дар бобати амалӣ гардондани ҳуқуқу ваколатҳои пешниҳодкардаи Конституция нақши сарвари давлат кало буданаш ҳам дар солҳои истиқлолият бори дигар намоён гардид. Зеро нуктаҳои Конституция ҳаётбахш будани худро дар амал собит мекунанд.

Президент мувофиқи Конституция ба риояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои шаҳрвандон, Конституция ва қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон кафолат медиҳад, тадбирҳои заруриро оид ба ҳифзи соҳибихтиёрӣ, амният ва якпорчагии ҳудуди Ҷумҳурияти Ўзбекистон, оид ба амалӣ гардондани қарорҳо аз хусуси масъалаҳои сохтори милливу давлатӣ меандешад, манфиатҳои ҷумҳуриятро дар дохили мамлакат ва дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳимоя мекунад, гуфтушунидҳо мегузаронад ва ба шартномаву созишномаҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон имзо мегузорад, риояи шартномаву созишномаҳои ҷумҳурият имзогузошта ва ўҳдадориҳои ба зимма гирифташударо таъмин месозад, ба Олий Маҷлис ҳар сол маърўзаро дар хусуси вазъи дохилӣ ва байналхалқӣ пешниҳод мекунад, дастгоҳи ҳокимияти ичроия ва роҳбарияти онро ба вуҷуд меорад, ба қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон имзо мегузорад, сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурият мебошад, масъалаҳои табаияти Ҷумҳурияти Ўзбекистонро ҳал мекунад ва паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳад, бо орденҳо, медалҳо ва ифтихорномаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон тақдир мекунад, унвонҳои касбӣ ва шоистаи Ҷумҳурияти Ўзбекистонро медиҳад, санадҳоро дар бораи авф қабул мекунад ва авфи шаҳрвандонро амалӣ мегардонад, ки аз тарафи судҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон маҳкум карда шудааанд ва ғайра. Президент ҳақ надорад, ки ичрои ваколатҳои худро ба зиммаи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор гузорад.

Президент дар айни замон Раиси Девони Вазирон мебошад. Шаҳрванди ҷумҳурият, ки аз сиюпанҷ сол ҷавонтар нест, бо забони давлатӣ озодона гуфтугў карда метавонад, дар ҳудуди Ҷумҳурияти Ўзбекистон пеш аз интихобот камаш 10 сол бевосита истиқомат кардааст, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон шуда метавонад. Президент аз тарафи шаҳрвандони Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевоситаш интихоботӣ зимни овозиҳии махфӣ ба мўҳлати панҷ сол (минбаъд ҳафт сол) интихоб карда мешавад. Президент аз вақти дар Олий Маҷлис қасамёд кардан ба адои вазифа шурўъ мекунад. Президент ба ғайр аз вазифаҳое, ки дар боло номбар кардем, амалиёти мутакобилаи мақомоти олии ҳокимият ва идораи ҷумҳуриятро таъмин месозад, судяҳои вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва судҳои хоҷагидориро ба вазифа таъин мекунад ва аз вазифа сабукдўш мегардонад ва дигар ваколатҳоро ба ичро мерасонад. Президенте, ки баъди ба анҷом расидани мўҳлати ваколати ҳуд ба истеъфо меравад, то охири умр ба сифати аъзои Суди Конституционӣ кор мекунад.

Бобҳои XX ва XXI бошанд, ба «Девони Вазирон ва асосҳои ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо» бахшида шудааанд.

Маълум аст, ки ҳайати Девони Вазиронро Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ташкил медиҳад ва Олий Маҷлиси ҷумҳурият тасдиқ менамояд. Ба ҳайати Девони Вазирон аз рўи вазифа сарвари ҳукумати Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон дохил мешавад.

Девони Вазирон роҳбарии самарабахшро баҳри арзи вуҷуди иқтисодиёт, соҳаи ичтимоиёт ва маънавиёт, ичрои қонунҳо, дигар қарорҳои Олий Маҷлис, фармонҳо, қарорҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон таъмин месозад. Девони Вазирон мувофиқи қонунгузории ҷорӣ қарорҳо ва амрҳо қабул мекунад, ки дар тамоми қаламрави Ҷумҳурияти Ўзбекистон ичрои онҳо аз тарафи тамоми мақомот, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ мебошад.

Девони Вазирон ваколати ҳудро дар назди Олий Маҷлиси аз нав интихобгардида вомегузорад. Тартиби ташкил ва салоҳияти Девони Вазиронро қонун муайян месозад.

Боби алоҳидаи Конституция ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо бахшида шудааст. Мувофиқи ин боб якҷоя бо таҳким бахшидани усулияти ҳудидора муассисоти сарвари ҳокимияти маҳаллӣ-ҳоким таъсис гардидааст. Ба ҳокимияти сернамояндаи маҳаллӣ, ки соҳиби ҳуқуқҳои дахлдор мебошад, Кенгаши намояндагони халқ, ба ҳокимияти ичроия ҳокимони вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо сарварӣ мекунанд. Ҳокимияти маҳаллӣ дар шаҳракҳо, деҳаҳо ва авулҳо дар шакли мақомоти ҳудидора ба амал бароварда мешавад.

Мақомоти намояндагии ҳокимият дар вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо (ба ғайр аз шаҳрҳои тобеи ноҳиявӣ, ҳамчунин ноҳияҳое, ки ба ҳайати шаҳрҳо дохиланд) Кенгаши намояндагони халқ мебошад, ки ба онҳо ҳокимон роҳбарӣ мекунанд, манфиати давлат ва шаҳрвандонро ба назар гирифта, масъалаҳои дорои ваколаташонро ҳал мекунанд.

Вазифаҳои мақомоти маҳаллии ҳокимият дар моддаи 100 Конституция возеҳу равшан баён гардидааст. Онҳо қонуният, тартиби ҳуқуқ ва амнияти шаҳрвандонро таъмин карда, масъалаҳои тараққиёти иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии ҳудуд, ба вуҷуд овардан ва истифодаи бучаи маҳаллӣ, андозҳои маҳаллӣ, маблағҳо, ба хазинаҳои ғайрибуҷавӣ, идораи хоҷагии маҳаллии манзилу коммуналӣ, ҳифзи муҳити атроф, номнавискунии санадҳои вазъи шаҳрвандӣ, қабул кардани санадҳои меъёрӣ ва ичрои дигар ваколатҳоро таъмин месозанд, ки бар хилофи Конституция ва қонунгузории Ҷумҳурияти Ўзбекистон намебошанд.

Мўҳлати ваколати Кенгаши намояндагони халқ ва ҳокимон панҷ сол мебошад. Ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд аз тарафи Президент таъин карда, аз вазифа сабукдўш карда мешаванду Кенгаши дахлдори намояндагони халқ тасдиқ менамоянд. Ҳокимони ноҳияҳо ва шаҳрҳо аз тарафи ҳокимони дахлдор таъину аз вазифа сабукдўш карда мешаванду Кенгашҳои дахлдори намояндагони халқ онҳоро тасдиқ менамоянд.

Мақомоти ҳудидора дар шаҳракҳо, деҳаҳо ва авулҳо, ҳамчунин маҳаллаҳои шаҳрҳо, шаҳракҳо, деҳаҳо ва авулҳо ҷамоаҳои шаҳрвандон мебошад, ки ба мўҳлати дуним сол раис (оқсақол) ва мушовирони онро интихоб менамояд.

Тартиби интихоб, ташкили фаъолият ва ҳаҷми ваколати мақомоти ҳудидораро қонун танзим мегард

Боз як иқдом ба сӯи Олимпиадаи соли 2012

Дар маҷлиси ноябрии худ Кумитаи миллии олимпии ИМА қарори худро дар бобати пешниҳод кардани номзадии шаҳри Ню-Йорк барои гузаронданӣ бозиҳои тобистонаи олимпии соли 2012 эълон намуд. То рӯзҳои наздик ду шаҳр Сан-Франсиско ва Ню-Йорк номзадҳо баён шуда буданд. Қарори охириндо дар бобати муайян кардани соҳиби бозиҳои тобистонаи олимпии соли 2012 Кумитаи байналхалқии олимпии соли 2005 қабул мекунад.

Барои гузарондани бозиҳои тобистонаи олимпии соли 2012 шаҳрҳои Париж ва Торонто ҳам даъвогарӣ мекунанд. Вале ба фикри мутахассисон имкониятҳои шаҳри Ню-Йорк калонтар мебошад. Имрӯзҳо шаҳр соҳиби заминаи хуби варзишӣ буда, имкониятҳо гузарондани мусобиқаҳои калонро соҳиб аст. Дар айни замон нисбати шаҳри мазкур ва сокинони он дар саросари ҷаҳон меҳру муҳаббат баъди воқеаҳои фоҷиабори 11 сентябрии соли 2001 баланд гардидааст.

Аллакай ҳароҷотҳое ҳисобу китоб карда шудаанд, ки барои гузарондани бозиҳои олимпӣ барои Ню-Йорк зарур аст. Аз рӯи ҳисобу китоби мутахассисон он ба 3,3 миллиард доллар рост меояд. Барои сарпур кардани ин ҳароҷот маблағҳо аз фурӯши ҳуқуқи намоишҳои телевизионӣ, васоятгарӣ ва фурӯши паттаҳо кифоя мекунад. Ба он, ҳароҷотҳо ба сохтмон ва таҷдид дохил карда нашудаанд, ки 5 миллиард доллаpро ташкил медиҳанд ва аз ҳисоби сармояҳои гузоронӣ инфиродӣ пардохта мешаванд.

Меъморон аллакай лоиҳаи сохтмони деҳаи бузурги олимпиро, ки дорои 4400 ҳуҷ мебошад баъди се ҳафтаи гузарондани мусобиқаҳо ба манзилгоҳҳои муқаррарӣ мубаддал мегардад, кашидаанд. Сохтани варзишгоҳи олимпӣ, канали қаиқронӣ, ҳамчунин терминали калони коммуникатсионӣ пешбинӣ гардидааст, ки чамъулчамъ наклиёти роҳи оҳан, роҳи мошингарди босуръатона ва наклиёти баҳриро дар бар гирифтааст.

Б.МАМАҶОНОВ,
ОИ «Ҷаҳон»,
шаҳри Ню-Йорк.

Филми ӯзбек дар хонаи кинои Маскав

Нахустнамоиши филми нави бадеии Киностудияи «Ӯзбекфилм» «Рафиқ Бойкенчаев» дар Маскав бомуваффақият гузашт.

Коргардони филм Юсуф Розиқов ба тамошогарони россиягӣ маълум аст. Филми вай «Нотиқ» соли 1999 гран-прии ҷашнвораи «Киношок»-ро гирифтааст. Филми «Салтанати бонувон» дар доирои намоишномаи озмунии ҷашнвораи XX11 байналхалқии Маскав намоиш дода шудааст. Дар анҷумани шашуми кинематографҳои мамолики ИДМ ва Балтия моҳи маи соли ҷорӣ филми Ю.Розиқов «Рақси мардон»-ро хуш пазируфтанд.

Ба нахустнамоиши филми коргардони ӯзбекистонӣ бисёр тамошогарон омаданд ва дар байни онҳо кинематографҳои номдор аз бисёр мамлакатҳо буданд.

Ҷонишини раиси Конфедератсияи иттиҳодияҳои кинематографистон Константин Щербаков шабнишиниро ифтитоҳ карда, зикр намуд, ки мунтазам ба амал омадани нахустнамоиши филмҳои кинематографистони ӯзбекистонӣ дар Маскав аз рушди доимии кинематографияи ӯзбек гувоҳӣ медиҳад, ки анъаноти хуб ва мавқеи эътирофгардидаро дар олами замонавии кино сохиб аст.

Раиси Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзбеккино» Мурод Муҳаммад Дӯст ба ҳозирин офарандагони филм-коргардон Юсуф Розиқов, таҳиягар Ҳотам Файзиев, ичрокунандаи нақши асосӣ Фарҳод Абдуллоевро муаррифӣ намуд.

«Рафиқ Бойкенчаев» таъриҳи фоҷиаовар буда, аз хусуси гузаштаи на он қадар дур нақл мекунад. Ҳомбар кардани мазмуну мундаричаи чунин филм кори он қадар осон нест. Танҳо зикр кардан лозим меояд, ки таъриҳ тамошогаронро маҷбур месозад на танҳо онро ба хотир оваранд, балки дуру дароз фикр ҳам ронанд. Муаллифон тавассути филми мазкур мавзӯи доимии «одами хурд»—амалдори хурди доираи ноҳияви Бойкенчаевро талқин мекунанд, ки нақши мазкурро Фарҳод Абдуллоев хеле моҳирона ичро намудааст. Рафтори қаҳрамони филм касро ба ҳанда кардану дар айни замон ба ташвишу изтироб афтодан маҷбур месозад. Дар хотима бошад нисбати он олами ғайриоддиву мураккаб каме ташвишу изтиробро ҳис мекунад.

Ва инро баъди тамошои филм кинематографи машҳури руссиягӣ, муаллифи сенарияи даҳҳо филмҳо, аз он ҷумла «Маскав ба ашкон бовар намекунад»—Валентин Черних баён намуд ва баробари он зикр кард, ки кинематографистони ӯзбекистонӣ ба яке аз анъанаи асосии кинои миллӣ садоқатманд мебошанд ва филмҳо мудом ба некхоҳӣ даъват мекунанд.

О.ШАТУНОВСКИЙ,
ОИ «Ҷаҳон».



◆◆◆

Манзараҳои истиқлол

Фавворaҳои шаҳри Намангон. Онҳо дар солҳои истиқлолият сохта шудаанд.



Аксбардор: А. МУРОДОВ.

◆◆◆

Садои ҳамнафас...

Соати даҳи шаб. Саргарми мутолиа будам. Ин дафъа телефони хона баланду возехтар ҷарангос зад. Яқин пай бурдам, ки касе аз ҷои дур занг мезанад. Фавран аз ҷо бархеста, гӯшакро бардоштам.

—Ало, ллббай!

—Ин хонаи Ҳикмат?

—Бале!

—Вай дар хона ҳаст?

—Оре, ҳудаш гӯш мекунад.

—Ман Нормурод, аз Мюнхени Олмон занг мезанам...

Бо Нормуродака дар телефон хеле сӯҳбат кардем. Зимни мусоҳиба ба ман маълум карданд, ки пагоҳ бародарам—Дилмуродҷон сафари Олмон дорад ва агар аз китобҳои Лоиқу Гулрухсор, Бозор Собиру Баҳманёр, Паймону Абдулло Субҳон мефиристодед, хеле хурсанд мешудам.

Худи ман лаҳза чанд нусхаи зарурро аз рафи китобҳои хона пайдо намудам. Сипас, роҳи хонаи шиносу дӯстонро пеш гирифтам. Хуллас, даҳ-дувоздаҳ китобро, ки мавриди ниёзи вай буд, дарёб карда, то ба хонаи бародараш расондам.

Бори нахуст бо Нормуродака дар Тошканд дар хонаи бародараш Дилмуродҷон ҳамсӯҳбат шудам. Бисёр шунида будам, ки вай тарҷумон асту дар Олмон иқомат мекунад. Ҳамон рӯз дар хонаи бародараш қариб чаҳор соат гуфтугӯ кардем. Як чизро пайҳас намудам, ки Нормуродака на танҳо тарҷумон аст, балки баробари он чандин амалҳои дигарро низ ичро менамояд. Аз ҷумла, дар ҳуди шаҳри Мюнхен барои шахсони сафаркунанда даъватномаҳо ва хуччатҳои расмиро омода месозад. Дар қасри варзишӣ ба чанд тан дилбохтагони гӯштини озод ҳудӣ мекунад. Дар вақти холӣ ба фарзандонаш Мунаввару Далер шеърҳои тоҷикӣ аз ёд мекунанд. Ҳикояҳои бачагонаро оиди қаҳрамонҳои Спитамену Деваштич, Томирису Шерак хонда медиҳад ва ба ин васила ба онҳо барои омӯхтани забони тоҷикӣ кӯмак мерасонад.

Нормуродака Мирзоев дар колхози Қодиркул Султонови ноҳияи Сайҳунобод (собиқ Ворошилов) дида ба дунё мекушояд. Фарзанди нахустини оила аст. Баъди хатми мактаби миёнаи зодгоҳ ба факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил мешавад. Соли 1990 бо сабабҳои гуногун хондани худро ба Донишгоҳи давлатии Тошканд мегузаронад. Онро соли 1994 хатм карда, чанд вақт дар ноҳияи Сайҳунобод ба ҳайси муфаттиш кор менамояд.

Вай ҳанӯз дар давраи донишҷӯӣ баробари омӯзиш баъзе ҷонибҳои шуғли тоҷириро аз ҳуд кард. Азбаски ҷавони ҳаққону кордон ва забонёбу забондон буд, дӯстони зиёд пайдо кард. Бо амри тақдир чанд тан аз дӯстони вай аз шаҳри Тошканд ба Олмон кӯч бастанд. Дар ҷараёни корбарӣ онҳо ба Нормуродака барин одами кордон, ки забонҳои русӣ, олмонӣ, тоҷикӣ ва ӯзбекиро хуб медонист, эҳтиёҷ пайдо карданд. Аз ин роҳ вайро ба Олмон даъват намуданд. Нормуродака қабл аз он ки ба дӯстон ҷавоби ризоият диҳад, хеле андешид.

Охир ин ҷо зану фарзанд дорад. Баъдан, Олмон барин давлати дуе барои вай манзили истиқомат шуда метавонад? Ин буд, ки аз падару модар розигӣ хост. Модар дасти дуо кушод ва ӯ бе ягон мушкиливу душворӣ ба Олмон рафт. Соли ҳафтум ҳаст, ки вай он ҷо зиндагӣ мекунад. Баъди он ки шахрванди муваккати Олмонро қабул кард, зану фарзандонро низ бо ҳуд бурд. Нормуродака се фарзанд дорад. Як духтар—Мунаввар ва ду писар Далеру Самандар. Ҳоло ду фарзанди калонӣ дар Мюнхен бо забони олмонӣ дарс мехонанд. Завчааш—Мақсудабону кадбону.

Нормуродака дарёдил аст. Шеъри бисёр медонад. Абёти шуарои классикиву муосирро пайваста мутолиа мекунад. Ба эҷодиёти Ҳофизу Ҳайём, Лоиқу Гулрухсор ва Паймону Абдулло Субҳон таваҷҷӯҳи зиёд дорад. Чандин ғазалу сурудҳои онҳоро аз ёд медонад. Чӣ хеле ки дар болo қайд шуд вақти дар Тошканд будани вай пурсон шудам, ки чаро ба шеъру ғазал ва таҳлили абёти бузургон ин қадар беш эътибор мекунад, дар сурате ки соҳати кориаш аз шеърхониву шеърдонӣ фарсаҳҳо дур аст. Вай ҷавоб дод:

(Давомаш дар саҳ.4)

Дар сурат: яке аз гӯшаҳои шаҳри Самарқанд. Дар ин ҷо чойхона арзи ҳастӣ карда, ҳоҷатҳо самарқандиён ва меҳмонони сершумори онро мебарорад.

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Мӯҳсин Умарзода

Забони модариро пос бидорем

(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта.)

Инак, агар мо як давраи томи соддаанависӣ ва авомфаҳм кардани забонро аз сар намегузарондем, забонамон мисли ҳозира дар доираи танги шумори ками калимаҳо маҳдуд намешуд. Вале мо дар айни замон бояд эътироф намоем, ки дар адабиёти классикиамон осори душворфаҳм низ мавҷуданд, онҳо агарчи чун манбаи таъриҳӣ ва адабӣ бисёр аҳамият доранд, бо баёни муғлақ, печ дар дар печ, бо иборапардозиҳои сунъӣ таълиф ёфтаанд. Вале асарҳои қобили фаҳми омма бендоза зиёданд, онҳо бо лафзи тоҷикии холис, бо ҷумлаҳои дилнишини кӯтоҳ-кӯтоҳ ва ҳамафаҳм эҷод шудаанд. Ҳатто забони асарҳое ҳам, ки беш аз ҳазор сол муқаддам офарида шудаанд, имрӯз низ барои мо фаҳмою гуворо мебошад. Ба унвони «мушт намунаи хирвор аст» фақат як мисол аз «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ (замони таълифаш 957-958 мелодӣ) меоварам: «Дар ин нома, ки то ҷаҳон бувад мардум гирди дониш гаштаанд ва суханро бузург дошта ва некӯтарин ёдгорӣ сухан донистаанд».

Чӣ басо шоирони мо беҳтарин сармашқҳои соддагуфторӣро аз қадимулайём ба мерос гузоштаанд: «Биё-биё, ки дилу ҷони ман фидои ту бод! Саре, ки бар тани ман ҳаст, хоки пои ту бод!» (Ҳилолӣ); «Дар ғамат дилро фигору хаста мегӯем мо, аҳли дардем, ин сухан дониста мегӯем мо» (Мушфиқӣ). Дар назди ин ҳама укёнуси нопайдоканори шеъру адаб, ки бо лафзи ширини ҳамаписанди худ хонандаро волаву шайдо мекунанд, боз ҳам домани маъракаи содданависиро паҳн карда, забонро аз соддаҳо ҳам соддатар намуда, онро ба сатҳи забонҳои бехату алифбо наздик овардан ва «забони нави тоҷик» номидан чӣ маъниӣ дошт?!

Шоири номдори мо Мӯъмин Қаноат дар як мусоҳибаи радиёиаш дар бораи он солҳо мегӯяд:

«Ин даврони соддa кардани забон буд. Ҳама чизро содда мекарданд...Дар ҳамин ҷараён забони адабӣ сохтанд, ки як чизи бепирояву парканда, бараҳнаву урён буд. Ин содда кардани забон билохира адабиётро бо харобӣ кашид бо забони обшуста, бо як теъдоди ками калимаҳо, ки сад бор гуфта шудаанду на бори маънавӣ дошатанд, на бори эҳсос, на бори ирсият, на ҷавҳар, на оташ. Ҳеҷ чиз надоштанд! Бесобиқа содда кардани забон мардумро ноком кард».

Зоҳиран ҳаҷ бояд комилан бо Мӯъмин Қаноат бошад ва ин на танҳо назари ҳуди ӯст. Таассуфовар аст, ки ин ҳама кори ношоиста, яъне ба ҳоли сустӣ ва нимчонӣ овардани забон бо дасти ҳуди аҳли фарҳанги тоҷик ба ҷо оварда мешуд ва ё агар ба тарзи дигар гӯем, дӯстон кори душманро мекарданд. Вале агар ин тавр гуфтан ноҷоиз ва норавo бошад, пас, вожаҳои (калимаҳои) кӯҳна ва бехудаю беҷо дониста шудани даҳҳо ва садҳо суханони асили тоҷикии «пирохан», «бузург», «водор», «омода», «сард», «нарм» ва монанди онҳоро бо кадом узру баҳона маъниидод кардан мумкин аст?!

Устод Сотим Улуғзода низ дар ин бора менависад:

«Як зумраи зиёиён, зиёиёни камфазли баландовоз, ки аз ғановатӣ нафосати забони тоҷикӣ бебаҳра буданд, забонро «содда», «ҳамафаҳм» мекунем, гуфта, ҳатто қасди тағйир додани таркиби таъриҳии онро карданд. Аз ҷумла, ба ақидаи онҳо адоти (ба истилоҳи имрӯзаи грамматикаи тоҷик пасоянди) «ро» гӯё аслан дар забони тоҷикӣ набуда, аз эрониҳо омадааст ва забонро аз халқ канда мекардааст. Ба обрӯи номи як-ду нафар соҳибмансабони бонуфузи камсавод таҳ карда, ҳатто қарор бароварданд, ки адоти «ро» аз забони тоҷикӣ бароварда шавад» («Бунёди забон», 14.10.1989).

Ин ҳам кам буд, ки пайвандаки «ки» дар чашми муборизони роҳи соддагароӣ шояд мақбул нашуда бошад, ҷумлаҳоеро аз қабили «меҳмоне, ки омада буд, рафт» ва ё «намехоҳад, ки равад» ҷумлаҳои сохти ғайритоҷикӣ номиданд ва хостор шуданд, ки ба ҷои онҳо «шаклҳои тоҷикиашон», яъне «меҳмони омадагӣ рафт» ва «рафтан намехоҳад» ба кор бурда шаванд.

Аз «Раҳбари дониш» (шумораи 11-12,саҳ.48) мақолае ҳондам, ки бо имзои Неъматуллозода ҷоп шуда буд. Муаллифи он сарфи назар аз он, ки он замон забони матбуот хеле омиёна шуда буд, боз ҳам бо оҳанги шикоятомез менависад: «Забони адабиёт ва ҷароидамон бисёр адабӣ аст...Ман ҳеҷ вақт намегӯям, ки адабиётамон тамоман як забони вайрон мисли: «ўрток, қачан омадед? Ҷуред, хонанданда авқот тайёр, Эшмат омсос» ва ғайра ва ғайраро қабул кунад. Лекин мегӯям, ки ба ҷои масалан «тараққӣ кардани корҳои боғдорӣ дорои аҳамияти бузург аст», ин ҳел навишта шавад: «...пешрафт кардани корҳои боғдорӣ аҳамияти бузург дорад». Вақте ки меҳнаткашони қишлоқ «дорои аҳамияти бузург аст»-ро хонанд, дар ин ҷо калимаи «дорои»-ро тамоман ба маънии дигар мефаҳманд, «чунки «дорӣ» номи як навъи ангур аст ва деҳқон гумон мекунад, ки бояд тухми ангури дорои бисёр кошт, чунки аҳамияти бузург доштааст...»

Ин гуна мулоҳизаҳо на ба баҳси илмӣ дар бораи забон, балки бештар ба ҳазлу шӯхӣ ва масхарабозӣ шабоҳат дошт.

Неъматуллозода дар идомаи суханаш боз мегӯяд:

«Акнун имрӯз, ки 98 фоизи оммаи тоҷик бесавод бошанд ва аз ду фоиз ҳам ду фоизаш забони адабидон бошад, мо чӣ навъ карда дар атрофи масъалаи муҳим оммаро ҷалб карда метавонем? Ман дар ҷавоби ин суол мегӯям, ки мувофиқи шароити ҳозира бояд забони адабиётамонро пеши омма бибарем, чунки оммаро пеши забони адабии адабиёт овардан ба корҳои ичтиомии мо дермонӣ мекунад».

Ин иддаои нависандаи мақола дар бораи ин, ки 98 фоизи оммаи тоҷик бесаводанд, хилофи воқеияти аслии он давр мебошад. Бояд гуфт, ки то инқилоб дар ҳамаи шаҳрҳои калон мадрасаҳое вуҷуд доштанд, ки дар онҳо ғайр аз донишҳои динӣ аз илмҳои гуногуни замонавӣ дарс дода мешуданд, бахсу мунозираҳои адибону олимон барпо мегардиданд. Чунончи, дар як ҳуди шаҳри Бухоро 366, дар Хӯқанд 368 мадраса амал мекард. Дар садҳо мадрасаи вилояти Фарғона зиёда аз 11 ҳазор нафар шогирдон таълим мегирифтанд. Ғайр аз ин дар чандин деҳаю шаҳракҳо ва ҳатто дар маҳаллаҳои калон мактабҳои хусусӣ низ мавҷуд буданд, ки соҳибонашонро мактабдор меномиданд. Илова ба ҳамаи инҳо боз мактабҳои усули ҷадид, мактабҳои дунявӣ ва мактабҳои ба истилоҳ кӯҳна вуҷуд доштанд. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои ҷанубии кишвар дар 4632 мактаби кӯҳна беш аз 44 ҳазору 770 нафар талабагон, дар 62 мактаби усули ҷадид зиёда аз 4100 нафар хонандагон таҳсили илм мекарданд. Агар ба назар гирифта шавад, ки дар ҳамаи ин мактабу мадрасаҳо ҳар сари чанд вақт гурӯҳҳое аз хонандагон таҳсилро ба анҷом расонида, ба ҷои онҳо гурӯҳҳои нав меомаданд, асос надоштани иддаоҳо дар хусуси саросар (98 фоиз) бесавод будани оммаи тоҷик аён мегардад.

Бояд таъкид кард, ки забони таълим такрибан дар ҳама ҷо тоҷикӣ буд. Матбуот низ ба забони тоҷикӣ интишор меёфт. Ба гуфтаи устод Айнӣ, «баъд аз пайдо шудани осори таҷаддуд ва навӣ дар Бухоро ва Туркистон аввалин рӯзномае, ки аз Бухоро баромад, «Бухорои Шариф»-и тоҷикӣ буд. Маҷмӯаи «Оина»-е, ки дар Самарқанд ҷоп мешуд, қисман тоҷикӣ буд, китобҳои мактабие, ки барои мактабҳои Бухоро ва Самарқанд (пеш аз инқилоби Ӯктабр) тартиб ёфта буд, тоҷикӣ буд ва китобҳои мутолиае, ки аз тарафи ҷавонбухориён нашр шуда буд, низ тоҷикӣ буд».

Аммо ибтидо аз соли хониши 1928-29 насли наве ба мактаб омад, ки осори мутақаддимонро хонда ва фаҳмида наметавонист. Зеро ҷунон ки дар болo ишора шуд, «забони адабиётамонро пеши омма» мебурданд. Ҳар мақола, ҳикоя ё шеъреро, ки бо забони авомона навишта нашуда бошад, бо баҳонаи гӯё душворфаҳм буданашон ҷоп намекарданд ва ба муаллифонашон мегуфтанд: «Шумо намехоҳед забонро содда карда, ба оммаи меҳнаткашон ғояҳои шӯрӣ, коммунистӣ ва пролетариро ҳарчи зудтар ёд диҳем». Чунончи, маҷаллаи «Раҳбари дониш» зери унвони «Куттии пӯчта» ба муаллифон сабабҳои ҷоп нашудани асарҳояшонро маълум мекард ва аз ҷумла ба Суҳайлӣ Чавҳаризода чунин ҷавоб навишта буд: «Рафиқ Суҳайлӣ!...Ду порча аз шеърҳои шуморо низ ҷоп намекунем: яке «Адабиёт», дигаре «Ҳикояти саҳарӣ». Ин шеърҳои шумо оммафаҳм нест, калимаҳои бисёр мушкил ва муғлақи кӯҳна дорад. Бояд маҳфуми навро либоси нав пӯшонид, то дилпазир ва оммафаҳм бошад». Ҷавоби маҷалла ба Тӯрақул Заҳнӣ ба сабаби ҷоп нашудани як мақолааш дар бораи таъриҳи адабиёти форс (тоҷик) чунин аст: «Рафиқ Зеҳнӣ!...Эҳтиёҷоти қисми калони зиёиёни сурх ва оммаи тоҷик имрӯз насрҳои инқилобӣ ва назмҳое ба услуб ва маҳфуми нави пролетариро талаб менамояд»... (Ҳамон ҷо саҳ.64).

Касоне, ки ба ҷараёни содда кардани забон намепайвастанд, дучори тазйиқу фишор мегардиданд. Устод Лоҳутиро ҳам, ки соли 1925 бо нафаси тоза, бо ду мачмӯаи ашъори дилангези Истанбулиаш ба Тоҷикистон расида буд, мачбур карданд, ки бо забони содда нависад. Бинобар ин ӯ дар яке аз мақолаҳояш, ки «пешқадамони сохтмони иҷтимоӣ ва муаллимони сурх»-ро ба анҷом додани фаъолияти таблиғоти ба тарафдориии алифбои лотинӣ даъват намудааст, иборатҳоеро монанди: «вайба гӯед», «ҳар қатӣ», «ҳуб, акаҷон», «ҳамин ҳел», «мана, дар ин бора гапи ман тамом» ба кор мебарад, аммо устод Лоҳутӣ дар бораи ин, ки даст кашидан аз алифбои ниёконамон ҷудо кардани миллати тоҷик аз ҳамзабонони Афғонистону Эрон аст, ҳарфе намегӯяд. Чунки ӯ он вақтҳо илоҷи дигаре надошт ҷуз ин, ки муқаррароти сиёсии кудратмандони даврро риоят намояд. Вагарна муттаҳам шудан ба эронигарӣ кори осоне буд. Бинобар ҳамин аст, ки ин шоири ширинкалом ҳамчунон содданависӣ мекард, вале бо он истеъдоди фавқуллоддае ки дошт, боз ҳам аз ҳамаи дигар шоирон бехтар шеър менавишт ва бо забони табиӣ ва қобили фаҳми мардум сухан мегуфт.

Дар миёни ин ҳама баҳсҳои густурда перомуни масъалаҳои забони адабии тоҷик устод Садриддин Айнӣ қарор дошт. Ӯ мақолаҳое ҷуз «Забони тоҷикӣ», «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» навишта, назари худро дар бораи содданависӣ баён медошт. Ба гуфтаи ӯ он вақтҳо ду фикри асосӣ изҳор мешуд: «яке қабул кардани забони умумии форсӣ, ки аз он ҳамаи форсизабонони ҷаҳон фоида бурда тавонанд, дигаре забони соддаи авомии тоҷик». Айнӣ фикри дуввумиро тарафдорӣ мекунад ва менависад: «Агар мо роҳи кор фармудани забони авомии тоҷикро ёбем, меҳнаткашони форсизабони беруна ҳам тамоман маҳрум нахоҳанд монд». Ва дар ҷои дигар инчунин таъкид менамояд, ки забони тоҷикӣ «ба ғизоштани замон ва зиёдатии таҳрибаи нависандагон боз соддатар ва авомфаҳмтар ҳоҳад шуд».

Дар натичаи «соддатар ва авомфаҳмтар» шудани забон дар асарҳои Садриддин Айнӣ сухану иборатҳои бисёри авомона монанди «ҳа, қанӣ, ҳудаш чӣ гап?» (айнан ҷумлаи ӯзбекии «ҳа, қанӣ, ӯзи нима гап?»), «бояд дар болои ҳуд истода гузарам» ва ғайра пайдо шуданд. Адиб аз соли 1928 ба истилоҳи ҳамон рӯзҳо аввалан «лотинчӣ», баъд «байналмилалчӣ» шуд ва махсусан дар солҳои чилуму панҷоҳум калимаҳои «русӣ-интернатсионалӣ»-ро ба таври фаровон истифода кард. Дар навиштаҳои ӯ вожаю таркибҳое аз қабили«сабзиши таланти музикантиаш», «врачҳо ва ходимони медицина», «пасмондагии экономикӣ», «шеърҳои политикӣ», «колонизаторҳои императорӣ», «частҳои машина», «банкир ва помещикони немец», «гастрол додан», «аптека», «хулиганҳо» ва ғайра ба чашм меҳӯранд. Мақоми забони русӣ дар ҷамъияти шӯравӣ он чандон болo рафта буд, ки касе дар иборaҳои маҷаллаю нашриётҳо чӯрьате надошт то ин истилоҳҳоро тоҷикӣ кунад.

Акнун, ки бисёр саҳифаҳои таъриҳ бароямон равшан гардидааст, гуфта метавонем, ки Садриддин Айнӣ барои ҳифзи ҷони ҳуд калимаю иборaҳои «русӣ-интернатсионалӣ»-ро ба ҳар ҷо-ҳар ҷои осораш пош медод то дар он мақомоти болоӣ бидонанд, ки ӯ миллатгаро намебошад. Зеро дар он рӯзгори ноором ҳар гуна мухолифат ба афкори расмӣ сахт хатарнок буд, чи басо мардони равшанфикру равшанзамир бо каме озодандешӣ гирифтори ҳабсу истинтоқ мегардиданд ва дигар аз зиндон барнамегаштанд. Устод Айнӣ аз ҳамаи он фоҷиаҳо воқиф буд ва ҳуд низ ҳазорон ҷоми талхи рӯзгорро чашида ва бисёр дардҳои ҳудро гуфта натавониста, бо ҳуд ба хок бурдааст. Агар ӯ то рӯзҳои мо зиндаю саломат мебуд, чӣ розҳову саргузаштҳоеро бароямон қисса мекард!

Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар китоби нави ҳуд «Ҳуросон аст ин ҷо» менависад, ки устод Айнӣ ин мисраъҳоро, ки мухаммаси ҳуди ӯ бар ғазали Ҳофиз аст, дар дами марг гирён-гирён ба лаб оварда буд:

Мурд Айнӣ, дарди ӯ бинҳуфта монд,
Толеи носозгораш хуфта монд,
Ғунчаи уммедҳо нашкуфта монд,
«Рози Ҳофиз баъд аз ин ногуфта монд,
Эй дареғ, аз роздорон ёд бод!».

Оре, устод Айнӣ гуна-гуна осори ғаронбаҳо ба мерос гузошту рафт. Замони пурталотум ва пурасабонияти ӯ дар навиштаҳояш инъикос ёфтааст. Шахсоне, ки бар сари ҳокимияти давлатӣ меомаданд, аксаран камсавод буданд ва суханони зебои адабиро нафаҳмида, дарғазаб мешуданд ва талаб мекарданд, ки «содда» навишта шавад. Вагарна, чӣ тавр метавон бовар кард, ки Садриддин Айнӣ—донишманд, шоир ва адиби бузург, ки дар ҳамон айёми то инқилоб мақолаю шеърҳое ба лафзу услуби ҷаззоби нависандагии аҳли мадрасаҳо ҷоп мекард; насрнависи мумтоз, ки ҳар суханаш, ба гуфтаи пажӯҳишгари эронӣ доктор Ҳусайни Лисон «бар ҷону дил менишинад», бо майлу ихтиёри ҳуд обу ранг ва фасоҳати суханро назар ба забони осори пешинаи ҳудаш ба ин андоза пойин бурда бошад!

Аз рӯи инсоф бояд гуфт, ки агар Айнӣ намебуд, баъзе соддагароёни ифротӣ мумкин буд забони матбуотро аз ин ҳам хароб кунанд. Вале устод кӯшиш мекард дар содданависӣ ба ин ё он андоза меъёре риоя карда шавад. Ӯ пештар, яъне 6 сентябри соли 1926 дар «Овози тоҷик» навишта буд:«...бисёр мешавад, ки содда кардани забон ба фаҳмондани маром монеъ мешавад, бо воситаи суханҳои кӯча ва бозор бисёр масъалаҳое, ки мо имрӯз дар сари баёни ӯ ҳастем, шарҳ намеёбад. Барои ин ки «ҳам лаҳл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад», яъне ҳам забон содда шавад, ҳам муддао адо ёбад, бисёр кӯшишҳо ва ҷустуҷӯйҳо ба кор бурдан даркор аст».

Аммо, бо вуҷуди ин, ҷунбиши соддагарӣ дарвозаи забонамонро барои калимаҳо ва иборaтҳои авомона ва кӯчаву бозор ё лаҳҷаи хоси ин ё он гурӯҳи аҳолӣ, ки қабл аз он дар забони адабии тоҷикӣ ҳеҷ ҷоҳ ба кор бурда намешуданд, васеъ кушода дод. Ҳиссачаҳои (адот ё ҳуруфи) пурсишии «мӣ» ва ишоратии «ана», «мана», вожаҳои нидоии «ҳӯ», «ҳа» ва ғайра дар забони адабии мо дар ҳамон солҳои соддагарӣ пайдо шуданд, ки маъноии ҳамаи онҳоро бидуни истисно ба тарзи дигар, бо воситаҳои тоҷикӣ пурра ифода ва баён кардан мумкин аст. Ҳуди устод Айнӣ дар як маврид ба ҷои «ана» ё «мана» шакли машҳури тоҷикиашро меоварад: «Бозори адабиёт имрӯз бештар аз пештар гарм аст. Агар матое доред, биёред ва агар димоғе доред, кор кунед: «Инак ғӯй, инак майдон!» (Ахтари инқилоб.Душ.1974,саҳ.93). Ин мақолро ба сурати дигар низ гуфтан мумкин аст: «Инак, ғӯй, онак чавгон». «Инак» ишора ба чизи наздик ва «онак» ба чизи дуртар дар замон ва макон.

Маъноии адоти ӯзбекии «ҳа» дар забони адабии тоҷикӣ ба василаи калимаҳои «оре», «бале», «хуб» ва ғайра баён карда мешавад, ки ҳама барои тасдиқ ба кор меравад. Чунончи, Ҳилолӣ мегӯяд:

Ишқ менозад ба хусну хусн менозад ба ишқ,
Оре, оре, ин ду маънӣ ошиқи якдигаранд.

Дар баъзе лаҳҷаҳо ба ҷои «ҳа» бештар «ҳо» мегӯянд.

Борҳо шудааст, ки ҳамқавмони афғонистониамон ва коркунони сафорати Эрон дар Тошканд пурсидаанд, ки он чӣ тоҷикон «мӣ» мегӯянд, чӣ маъниӣ дорад? Ҳар дафъа ба ман лозим меомад шарҳ диҳам, ки «мӣ» аз адоти (ҳуруфи) ӯзбекӣ аст ба мафҳуми пурсиш ҷуз «оё», масалан, «медонед-мӣ?», яъне «оё медонед?»

Ҷумлаи пурсиш (суолӣ) дар забони мо на бо истеъмоли ҳиссачаи «мӣ» («ҳонда диҳам-мӣ?»), балки ба тарзи дигар, бо ду роҳ сохта мешавад: яке бо ёрии адотҳо (ҷонишинҳо, ҳиссачаҳо), ки барои пурсиш ба кор мераванд ҷун «оё», «чӣ», «кӣ», «чаро», «кадом» ва монанди инҳо («кӣ омад?», «чӣ гуфт?») Дигаре бидуни адоти пурсишӣ: «Эҳсон омад» (ҷумлаи хабарӣ), «Эҳсон омад?» (ҷумлаи суолӣ). Агар адоти пурсишӣ ба кор бурда нашавад, дар гуфтор ҷумлаи суолиро аз ҷумлаи хабарӣ фақат оҳанги сухан фарқ мекунонад ва дар навишт ба охири ҷумла аломати суол гузошта мешавад.

Оҳанги садо дар поёни ҷумлаи пурсишӣ (суолӣ), ки адоти пурсишӣ дорад мисли «чӣ», «чаро» ва ғайра, ҳамчун дар охири ҷумлаи хабарӣ аз боло ба пойин нузул мекунад, яъне овоз пасттар мешавад, аммо дар ҷумлаи пурсишии бидуни адоти пурсишӣ оҳанги ғуиш аз паст баландтар садо медиҳад, ки ин суханро хушоҳангу гӯшнавоз мекунад. Боз як масъалае, ки меҳоҳам диққати хонандаро бо он ҷалб намоям, ин аст, ки дар забони устод Айнӣ феълҳои мураккаби давомдор бо ёрии феъли «истодан» беш аз ҳад ба кор бурда шудааст, монанди: «барф борида истодааст»; «ошашро хӯрда омада истодаам»; «намудор гардида истода буд»; «дӯконҳошонро баста истода буданд» ва ғайра ва ҳоказо. (Н. Маъсумӣ. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. Д.1959.с.203)

Пештар фикр мекардам, ки ин гуна истеъмоли феъли «истодан» дар забони мо аз забонҳои туркӣ (масалан, аз ӯзбекии «келаётир», «бораётир» ва қирғизии «келечатат», «барачатат») иқтибос шудааст. Аммо баъзе пажӯҳиши (тадқиқоти) камина нишон дод, ки шакли мазкур дар забонҳои эронӣ аз қадимулайём маъмул будааст. Масалан, дар Овисто ибораи «дата ста-та аҳенд» ҳаст, ки ба шеваи имрӯза мешавад: «дода истодаанд». Эрониён ҳоло ин тавр намегӯянд ва феъли «рафта истодаам»-ро шунида, ҳазломез мегӯянд, ки «писари тоҷик дар як вақт ҳам меравад ва ҳам меистад».

Ин гуна феълҳои мураккабе, ки бо ёрии масдари «истодан» (аз решаи «ста»-и овистӣ, «ишт»-и пахлавии ашконӣ ва «ест»-и форсии миёна ба маъниии қиём, таваққуф ва мондан) сохта шудаанд, дар адабиёти тоисломии мо хеле зиёд ба кор бурда мешуданд.

Чунончи, ду мисол аз забони эронии миёна, ки «Корномаки Артахшери Попакон» (ба форсии дарӣ «Корномаи Ардашери Бобакон») бо ин забон эҷод шудааст: «Пас ҳар се шап хвамн чӣ ғун дит естет», яъне «пас, ҳар се шаб чӣ гуна хоб дида меистод» ба маъниии «хоб медид». Ва ё: «Сосон пад пили оростаки спет нишаст естет»—«Сосон ба фили оростаи сафед нишаста меистод» ба мафҳуми «менишаст», яъне «савор мешуд».

(Давомаш дар саҳ.4)

Ба пешвози 70-солагии Нуқус

Ҳусни нотакрори пойтахти Қароқалпоқистон

Шаҳри Нуқус аз ҷиҳати маъмуриву маданӣ на танҳо дар

Мӯҳсин Умарзода

Забони модариро пос бидорем

(Аввалаш дар саҳ.3)

Боз чанд мисол аз ин гуна феъҳои мураккаб: феъли замони гузаштаи наклӣ: «хуфт иштеҳ»—айнан «хобид истодӣ» ба маънии «хуфтай»; феъли наклии мачҳул: «нибишт естед», яъне «навишта шудааст»; феъли замони гузаштаи дур: «рафт естод»—«рафта буд»; феъли замони гузаштаи мачҳул: «гуфт естад»—«гуфта шуда буд».

Яке аз намунаҳо ва шояд ҳам нахустин намунаи чунин шакли феъли мураккаби бардавом бо кӯмаки «истодан» дар давраи баъдиисломӣ дар «Таъриҳи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ (996-1077 мелодӣ) дида мешавад, ки бо забони форсии дарӣ таълиф гардидааст. Инак, мисоле аз ин китоб: «Амир гуфт: «Алҳамдулиллох!» ва сахт тоза биистод». Дар ин ҷумла вожаи «биистод» бардавомии ҳолатеро нишон медиҳад, яъне амир хеле муддат бениҳоят рӯҳи тоза гирифта, шоду хуррам гашт. Доктор Халил, ки ин асари гаронбаҳоро барои чоп омода кардааст, дар «Тавзеҳот ва ҳавошӣ»-и он ин калимаро чунин шарҳ додааст: «Биистод—истодан; дар қадим ба ҷои «шудан», «гардидан» ва амсоли он ба кор мерафта ва дар ҳуди ин китоб қароин (ба ин монанд мисолҳо—**М.У.**) дорад». Инак, яке аз он мисолҳо:«Ҳаво сахт гарм истод». Маънии ин ҷумла ба лаҳҷаи имрӯза ин тавр аст: «Ҳаво ниҳоят гарм шуда истода буд».

Яке дигар аз услубҳои нависандагии Байҳақӣ ин аст, ки ӯ гоҳо феъли ёвари «истодан»-ро пасу пеш меоварад, масалан, ӯ мегӯяд: «Ҳарчи дида будам, биистодам бигуфтам». Ин ҷо иборати «биистодам бигуфтам» низ ба шеваи имрӯза «гуфта истодам» аст.

«Истодан» чун феъли ёридиҳанда дар байти зерини Манучеҳрӣ (соли вафоташ 1040) низ дида мешавад:

Боди шимол чун зи зимистон чунин бидид,
Андар так истод чу ҷосус беқарор.

Дар ин байт вожаи (калимаи) «так» маънои давидан дорад, иборати «так истод», ки сурати таҳтуллафзиаш «давида меистод» мебошад, ба маънии «пайваста дар даву тоз буд» ба кор рафтааст.

Ин гуна усули сохтани феъли бардавом пас аз замони Байҳақӣ то асри ҳатфдаҳум дида намешавад. (Ба ҳар ҳол дар адабиёте, ки дар китобхонаи шахсӣ дорам, ба ин усул барҳӯрд накардаам). Чунин шакли феъл дар «Таъриҳ»-и Шоҳмаҳмуди Чурос, ки тақрибан дар солҳои 1676-77 таълиф кардааст, мушоҳида мешавад.

Ҳоваршиноси машҳур О.Акимушкин, ки ин китобро ба забони асл ва ҳам дар тарҷума ба русӣ таҳия ва чоп намудааст (М. «Наука»,1976), менависад: «Дар саҳифаҳои он забони ғуфтугӯии тоҷикӣ, ки ба лафзи адабӣ нисбатан наздик буда, дар миёни як қисми аҳолии шаҳрнишини Туркистони Шарқӣ ва аз ҷумла дар Ёрканд бо он сухан мегуфтанд, сабт ёфтааст. Худи муаллиф аз нажоди турк буд, тоҷикӣ барояш забони модарӣ набуд ва ин забонро шояд дар овони бачагиаш дар мактаб ё мадраса омӯхта бошад» (саҳ.105). Ва аз ин, ки тоҷикиро медонист, ифтихор мекард (саҳ.48).

Шоёни таваччӯҳ аст, ки О.Акимушкин забони «Таъриҳ»-и Шоҳмаҳмуди Чуросро на форсӣ, балки «тоҷикӣ» меномад ва сабаби ин дар он аст, ки дар ин асар ҷумлаю ибораҳои хоси лаҳҷаҳои тоҷикӣ он чандон зиёд мебошанд, ки на дар осори бузургони шеъру адаб дида шудаанд ва на дар забони имрӯзаи форсии Эрон мавриди истеъмол дорад. «Бинобар ин, мегӯяд Акимушкин, мо вазифаи аввалиндарҷаи худро пеш аз ҳама дар он дидаем, ки диққати мутахассисонеро, ки бо омӯзиши масоили таъриҳи забони тоҷикӣ ва лаҳҷашиносии таъриҳии он шӯғл меварзанд, ба хусусиятҳо ва меъёрҳои он ҷалб намоем».

Яке аз хусусиятҳои ҷолиби диққати забони китоби «Таъриҳ» дар қатори бисёр дигар ғуфторҳои лаҳҷавӣ боз ҳамон аст, ки дар фавқ ба он ишора кардем, яъне истифодаи феъли давомдор бо ёвари феъли «истодан». Чунончи: «Ҳайдарбек дар он ҳин савор шуда истода буд» ё «Умарои қирқиз...(ба) Ҷонҳон бозгашта мулҳақ шуда истода буданд». (саҳ.107).

Китоби «Зафарномаи хусравӣ» шояд охирин асаре бошад, ки то рӯзгори Садриддин Айнӣ ин шакли феъл (чун «рафта истодаст») дар он мавриди истеъмол қарор гирифтааст. Муаллифи гумноми он, ки шоҳиди воқеъоти солҳои 1828-1860 дар Самарқанду Бухоро будааст, менависад: «Ҳаррӯза ба ин ғуломи камтарин хабар расонида истодаанд», «Ҳамаи онҳо...мустаъиди (омодаи) хидмат шуда истода буданд» («Зафарномаи хусравӣ», Теҳрон, 1999, саҳ. 194, 197).

Оё санги маҳаки меъёри забон вучуд дорад, ки мо ин ҳама гуна-гуна «истодан»-ҳоро бо ёрии он санҷида, дар забонамон ба истилоҳе «мақоми шаҳрвандӣ» доштан ё надоштани онҳоро таъин кунем? Оре, чунин як санги маҳак мавҷуд аст ва он иборат аз забони осори бузургони шеъру адаб, фарҳангҳо (луғатномаҳои тафсирӣ), ки дар тӯли таъриҳ таълиф гардидаанд ва, ниҳоят, ҳуди зарурати ин ё он калимаю ибора, хоҳ нави имрӯза бошад ва хоҳ бисёр қадима.

Лаҳҷаҳо дар забон ҳамеша буданд ва ҳастанд. Муаллифони асрҳои миёна дар бораи зиёда аз сӣ лаҳҷа маълумот додаанд. Аз он ҷумла, Муқаддасӣ, донишманд ва ҷуғрофиёнависи асри чаҳоруми ҳиҷрӣ (муосири Сомониён) дар китоби «Аҳсан-уттақосим» дар бораи лаҳҷаи самарқандиён менигорад: «Дар забони онҳо сардие ҳаст ва ҳарфе ба кор мебаранд, ки миёни «коф» ва «ҚОФ» аст ва, масалан, ғӯянд: «бикардакам» ва «бигуфтакам». Дар ин китоб инчунин омадааст, ки нишопуриён ҳарфи «син»-ро бехуда ба калимаҳо изофа менамоянд монанди: «бихӯрдастӣ», «бигуфтастӣ», «бихуфтастӣ».

Муқаддасӣ дар бораи ғӯиши бухороиён менависад, ки «дар забони эшон такрор фаровон аст, масалан, ғӯянд: «яке марде дидам», «яке дираме додам». Ва дар миёни ғуфтор калимаи «донистӣ»-ро бехуда муқаррар мекунанд». Сипас ӯ шарҳ медиҳад, ки «забони эшон «дарӣ» аст, яъне забоне, ки бо он номаҳои салтанатро менависанд ва аризаву шикоят бо ин забон навишта мешавад ва ин лафз аз «дар» аст, яъне забоне, ки дар дарбор бо он сухан ғуфта мешавад».

Аммо дар масъалаи истифодаи калимаю ибороти лаҳҷавӣ аз ҳад гузаштан нораво аст. Донишманди забардасти эронӣ доктор Парвез Нотел Хонларӣ дар ин хусус чунин изҳор назар мекунад: «Набояд дар истеъмоли луғоти омиёна ифрот кард ва ба ҷои калимоти фасеҳи адабӣ низ алфози омиёна овард... Ва дар ҳар ҳол қавоиди мусаллами забони адабиро, ки аз татаббӯи (пайравӣ аз) осори ғӯяндагони бузурги қадим ба даст меояд, риоят бояд кард ва лаҳҷаҳои маҳаллиро бо забони адабӣ набояд омехт. («Забоншиносӣ ва забони форсӣ», Кобул, 1367 ҳиҷрӣ, саҳ.149).

Дар адабиёти форсу тоҷик аз истифодаи ибороти омиёна ҳамеша худдорӣ шудааст. Феъли давомдор бо ёрии «истодан» низ, ба истисноии баъзе осори лаҳҷавӣ, сохта намешуд. Масалан, устод Рӯдакӣ «омада истодааст» нагуфтааст, балки «ояд ҳаме» ғуфтааст: «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме». Ва ё Носири Хусрав ба ҷои «чакида истодааст» «ҳамечакад» ғуфтааст: «Ҳанӯз қатароти борон ҳамечакад». Вожаи «ҳаме», ки ба шакли пешованд низ меояд, дар катибаҳои паҳлавии ашконӣ сурати «ҳамев» дошт («живаҳр ту ҳамев бахше»—«зиндагӣ ту ҳамебахшӣ») ва рафта-рафта ба пешованди «ме» табдил шуд: «дидам, ки ӯ шитобон мерафт». Ин ҷо феъли ба ҷои «рафта истода буд» сохта шудааст.

Ҳоло дар робита бо сохтмони феъли бардавом дар бораи сиғаи музореъ сухане чанд ғуфтан лозим меояд. Ин чунин сиғае аз феъл мебошад, ки ба замони ҳам ҳозира ва ҳам оянда ишорат мекунад.

Масалан, шумо дар коргоҳатон нишаста, машғули навиштан ҳастед. Ҳамин лаҳза рафиқатон меояду мепурсад: «Чӣ менависӣ?» Яъне ӯ мехоҳад бидонад, ки чизе, ки дар ҳоли ҳозир менависед, чист. Шумо ба ӯ мегӯед:«Нома менависам». Бо ин ҷавобатон феълеро баён мекунед, ки андаке пештар аз омадани рафиқатон оғоз ёфта буд ва ҳанӯз тамом нашудааст, бинобар ин чунин феъҳоро «феъҳои ҳозира—оянда» меноманд.

Аммо он феъли «истодан», ки бо ёрии он феъҳои бардавоми ҳар се замон—ҳозира, оянда ва гузашта сохта мешаванд, бо маънои аслии худ—таваккуф, бозистодан, беҳаракат мондан, ба коре идома надодан иртиботе (алоқае) надорад. «Истодаам» як калимаи туфайлӣ, як қолиб, воситае барои сохтани феъли давомдор мебошад. Агар ҳамин тавр намебуд, он ғоҳ мантиқи сухан хароб мешуд, зеро кас наметавонад дар айни як вақт ҳам рафта ва ҳам истода бошад.

Дар лаҳҷаҳои форсии имрӯзаи Эрон чизе монанди «истодан» мавҷуд аст. Эрониён барои таквияти маънои бардавомии амал (феъли давомдор) шаклҳои гуногуни феъли «доштан»-ро ба кор мебаранд. Масалан, «дорӣ чӣ кор мекунӣ?» Ин ҷумларо бо феъли «истодан» фаҳмондан мумкин мешавад: «Ҳозир чӣ кор карда истодаӣ?»—«Доштам телефон мекардам», яъне «телефон карда истода будам». «Доштан» дар дигар ҷумлаҳо низ ба ҳамин тариқа тасриф мешавад: «дошт мерафт», «дорад меравад» ва ғайра. Ин шакли феъл дар луғатномаҳои Эрон бо аломатҳои «омиёна», «гуфтори лаҳҷавӣ», «ғайриадабӣ» таъбир шудааст.

Яке аз роҳу равише, ки соддакунандагони забони тоҷикӣ ба он риоя мекарданд, поксозии он аз калимаҳои арабӣ буд. Он калимаҳои арабӣ ҳам, ки дар тӯли қарнҳо ба забони мо дохил шуда ва қиёфаи тоза пайдо карда, ба қавле «шиносномаи тоҷикӣ» гирифта буданд, «унсурҳои бегона» ё «калимаҳои мурда» дониста мешуданд. Масалан, ҳатто калимаҳои «зарур» ва «лозим»-ро низ танҳо барои арабӣ буданашон «бегона» ғуфта, ба ҷои онҳо асосан «даркор» менавиштанд. Мунзим, ки яке аз фаъолони ҳаракати соддакунии забон буд, соли 1929 дар «Овози тоҷик» навишт: «Вале» барин суҳани гарму ширини худро монда, «лекин»-и хунуки дигаронро овардан бечӯст». Ба ҳамин тариқ пешниҳодҳое дар бораи аз забонамон соҳит намудани калимаҳои серистеъмоли арабӣ монанди «ҳиҳон», «тараккиёт», «ҳарорат», «маҳбус», «масъул», «собиқ», «фавкулодда», «муттасил» ва ғайра ба миён гузошта мешуданд.

Оқибати чунин арабиситезӣ буд, ки забонамон торафт обуранги пешинаи худро аз даст медод, имкониятҳои истифода кардани тобишҳои маъноӣ ва соҳравшанҳои калимаҳои муродиф торафт камтар мешуд. Ин аст, ки луғоти арабӣ нисбат ба миқдори умумии калимаҳое, ки дар «Овози тоҷик» ба кор бурда мешуданд, бино ба ҳисобҳои Т.Бердиева соли 1924-ум 38,5 фоиз, соли 1925—38 фоиз, с. 1926—35,9 фоиз, с.1928—34 фоиз, с.1929—29,8 фоизро ташкил дод. Калимаҳои мураккабе, ки бо лафзи арабию тоҷикӣ таркиб ёфта буданд, аз 1-1,5 фоиз зиёд набуд. («Тамосҳои забонии Эрону Африқо», шумораи 2, саҳ.26).

Бояд ғуфт, ки ҳеҷ забоне наметавонад аз дигар забонҳо чизе нагирад. Ин хусусияти ҳамаи забонҳои дунёе аст. Забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) низ бисёр истилоҳу калимаҳои арабиро пазирӯфта ва онҳоро дар худ ҳал (ҳазм) карда, қудрат ва тавонои ашро афзунтар намудааст.

Албатта, ин гуна мубодилаи сарватҳои забонӣ фақат яктарафа набуд. Арабҳо низ дар навбати худ бисёр калимаҳоро аз мо мегирифтанд. Чунин доду гирифт дар ҳамон солҳои нахустини ҳиҷрӣ оғоз ёфта буд, ки дар ин бора чандин манбаъи мӯътабар далолат мекунад. Чунончи, Асадии Тӯсӣ (1005-1073 мелодӣ) дар манзумае зери унвони «Мунозира бо араб кунад ба фазли Аҷам» дар хусуси дар арабӣ истеъмол шудани бисёр калимаҳои форсӣ (тоҷикӣ) сухан меронад ва бо ин забони (ба ғуфтаи ӯ «поку латиф») сухан кардани пайғамбарро ёдовар мешавад ва сипас мегӯяд:

Дар Қуръон ҳам порсист, инак, ту дар лафз,
«Сиҷҷил» ҳамехонияшу «санг»-у «гил» аст он.

Чунин вожаҳо (калимаҳо) дар забони араб кам нестанд. Арабон ному истилоҳҳои касбу кор, хӯроку пӯшок, нӯшобаҳо, колои рӯзгор, афзори ошхона, олами растанӣ, гулу мева, ҳайвонот, ҳашарот ва бисёр чизҳои дигарро аз форсии тоҷикӣ гирифтаанд. Ин номҳои форсӣ дар забони онҳо дигар меҳмон нестанд ва куҳансол шудаанду ҳаққи обу гили сарзамини арабро доранд.

Басо ҷолиби диққат аст, ки як қисми он вожаҳои форсии тоҷикӣ ба забони арабӣ роҳ ёфта, бо шаклу шамоили нав боз ба забони мо бармегаштанд. Масалан, арабҳо калимаи «гавҳар»-ро аз мо гирифта, пас онро дар ғӯиши худ ба сурати «ҷавҳар» дароварданд (зеро онҳо ҳарфи «г»-ро «ҷ» таласффуз мекунанд ҳамчунон ки «Гургон»-ро «Ҷурҷон» мегӯянд). Баъд аз он, аз ин калима бо усули ҷамъи шиканста «ҷавоҳир» сохта, ҷамъулҷамъи онро «ҷавоҳирот» намуданд. Ба ин калима маъноҳои тоза ба тоза дода шуд. Инак, дар фарҳангҳо омадааст, ки ҷавҳар—сириштӣ, фитрат, асли ҳар чиз, он чи ба зоти худ бошад; умуман сангҳои гаронбаҳост мисли ёқут, зумуррад, алмос ва ғайра; номи баъзе туршиҳо; ҷавҳари лимӯ, ҷавҳари ғӯгирд ва дигарҳо; аҳли тасаввуф ҳақиқати муҳаммадия ва рӯҳи муқаддаси паёмбарро «ҷавҳари аввал» номиданд. Истилоҳи «ҷавҳари сабӯҳӣ» низ ҳаст, ки мурод аз он рӯҳи малакутии (олами ғайб ва олами маънии) инсон аст. Дар адабиёти ирфонӣ малакутиён ва рӯҳониён бо номи ҷавҳариён ёд шудаанд.

Мехоҳам аз ин гуна калимаҳое, ки хеле зиёданд, як мисоли дигари кӯтоҳ низ оварам. Ин ҷо вожаи «андоза»-ро дар назар дорам, ки дар эронии миёна шакли «ҳандозад» дошт. Ин калима дар забони арабӣ ба қиёфаи «ҳандаса» даромада, маънои геометрия, яъне заминпаймоӣ пайдо кард. Дере нагузашту аз он бо роҳи тасриф як калимаи нав—«муҳандис» ба вуҷуд омад. Тасаввур кардан душвор аст, ки агар вожаи «андоза» дар забони арабӣ ба «муҳандис» мубаддал намешуд, имрӯз мо «инженер»-ро чӣ тавр меномидем. Хуб ғуфтаанд мардум, ки: «аз ҳар чамане сумане!»

Баъзе аз хонандагони рӯзнома мегӯянд, ки забони он бисёр ҳам арабию эронӣ шудааст ва бароҳшон душворфаҳм гардидааст. Ба масъалаи «эронӣ» шудани забон дар ҷояш фикри худро баён хоҳам кард. Аммо пештар аз он мехоҳам дар мавриди лафзи арабӣ, ки бино ба иддаоҳои онҳо боиси мушкилфаҳмӣ мешудаанд, назари худро изҳор намоям. Сухан бар сари ин аст, ки он хонандагон ошкор намекунанд, ки чӣ чизро хондаанду кадом ҷумла, ибора ё калимаро нафаҳмидаанд. Дар ин ҷо зикри чунин нуктаро зарур мешуморам, ки забони оммафаҳм ва забони душворфаҳм дорои мафҳуми духӯра мебошад, яъне матне, ки барои як кас бисёр соддаю фаҳмост, айни ҳамин матн барои як каси дигар мушкилфаҳм ва душвор аст.

Чӣ гуна шикваю шикоят накунем аз он шахсоне, ки аз забони адабӣ ва аз мафҳуме чун «ҳусни калом» фарсаҳҳо дуранд ва бо забоне ғуфтугӯ мекунанд, ки онро шояд шартан як шеваи ҳаҷвии «ширу шакар» биномем, яъне онҳо дар нуткашон калимаҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русиро баҳам меомезанд монанди як сартарош, ки рихинаки рӯи муштариашро бурида ғуфтааст: «Теритон юпқаю ришатон жоский будас, и плюс к этому рихиндак ҳам доштед». Боз дар ин мавзӯъ мулоҳоте ҳам ба хотир мерасад: боре, тақрибан соли 1987, рӯзноманигори кобулӣ Эҳсони Пажӯҳиш бо як тан аз тоҷикони Бурҷимулло дар шифохони (статсионари) Тошканд дар як палата муолиҷа шуданд. Ман ба Эҳсон дар як дафъаи ба иёдаташ рафтанам, ғуфтам: «Хуб аст, ки ҳамсӯҳбате доред, дилгиру зиқ намешавед». Вай табассуми маънидоре карду чизе нагуфт. Баъд донистам, ки ин ду тоҷик забони якдигарро намефаҳмидаанд, зеро тоҷики ӯзбекистонӣ бо забоне аз ин қабил ғуфтугӯ мекардааст: «Зубной абед, оқиб, сенда пирём мекунад». Агар ин ҷумлаи ғалатиро ба тоҷикии содда баргардонем, ин тавр мешавад: «Духтури дандон пас аз хӯроки пешин дар соати се қабул мекунад». Ҳамин фикрро ба шеваи адабитари китобӣ ҳам баён кардан мумкин аст: «Пизишкдандон баъд аз наҳор дар соати се ҳоҳад пазируфт (ё мепазирад)».

Вожаи (калимаи) арабии «қабул»-ро ҳар тоҷик мефаҳмад, инчунин «духтур» ҳам, ки як шакли таҳрифшудаи «доктор» ба маънии олим ва табиб мебошад, ба ҳамагон маълум аст, аммо ин ду калимаро ба лафзи асили тоҷикӣ тарҷума кунем, яъне «қабул»-ро «пазируфтан» ва «духтур» (ё «табиб»)-ро «пизишк» гӯем, намедонам, чанд кас мефаҳмида бошад. Ин гуна ҳазорон калимаю истилоҳҳои зебою дилнишинеро, ки ниёконамон ба ҚОР мебурданд ва имрӯз ҳам дар Эрону Афғонистон барои хосу ом комилан қобили фаҳм ва мавриди истеъмоли васеъ мебошанд, мутаассифона мову шумо дар ватани аслии ин забон (яъне форсии дарӣ-тоҷикӣ) онҳоро ба радаи калимаҳои номафҳум ва мубҳам дохил мекунем. Чаро ин тавр шуд? Сабаби ин боз ҳам ҳамон даври соддакунии забон аст, ки оқибати ногувори онро ҳанӯз бартараф карда натавонистаем. Ҳастанд касоне, ки калимаҳои арабиро тоҷикии асил мепиндоранд, аммо маънии айни ҳамон калимаҳоро ба тоҷикӣ гӯем, ҳаёл мекунанд, ки ба «эронӣ» ғуфта бошем. Чунончи, «ҳайрат» ё «ҳайрон»-ро, ки арабӣ мебошанд, ҳама мефаҳманд, лекин аслан тоҷикии ин ду калимаро оварда, «шигифт» гӯем, бисёриҳо намефаҳманд. Зеро ин гуна калимаҳои арабӣ дар давоми асрҳо хеле бисёр истеъмол шуда, дар забонамон ҳазм шудаанд ва мо онҳоро мувофиқи қонуну қоидаҳои дастурии (грамматикии) забони худамон ба кор мебарем, бо ғӯиши тоҷикӣ (на арабӣ) талаффуз мекунем.

Барои намуна ба ин сарлавҳаҳои рӯзнома таваччӯҳ кунед: «Вазифаҳои муҳими воситаҳои ахбори оммавӣ», «Муҳокимаи лоиҳаи қонун», «Ташрифи ҳайати вакилони ҳукуматӣ», «Сӯҳбатҳои холисона», «Натичаҳои тараккиёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ» ва ғайра. Дар ин унвону ибораҳо калимае нест, ки арабӣ набошад, вале мумкин аст, як араб ин суханонро хонда ё шунида, ғӯяд: «дар ин ҷо чизе ба арабӣ монанд аст, вале ҳеҷ чиз намефаҳмам».

Калимаҳои арабӣ ҳуд ба ҳуд вориди забони мо нашудаанд. Ин рӯйдод сабабҳои таъриҳӣ дошт. Яке аз ин сабабҳо ин аст, ки рӯҳониён ва донишмандони ислом арабиро каломи Қуръон дониста, таъриҳ ва адабиёти диниро бо ин забон мутолиа ва таълиф менамуданд, аз ин рӯ калимоту ибороти арабӣ дар зеҳну хотирҳояшон рехта шуда, назар ба забони модарӣ осонтару фаҳмотар мегардид. Ба ҳамин тартиб калимаҳои арабӣ дар зарфи ҳаёти чандин насл ҷойгузини вожаҳои тоҷикӣ (форсӣ) шуданд. Ҳатто номҳои миллии тоҷикон (ба истиснои баъзе мисолҳо) асосан арабӣ шуда, оҳиста-оҳиста ба нобудӣ рӯ оварданд. Бинобар ин калимаҳои арабии «тадқиқот» аз лафзи тоҷикии «пажӯҳиш», «зарар» аз «газанд»,«табиб» аз «пизишк», «калима» аз «вожа», «таҳқиқ» аз «баррасӣ», «ҳоҷат» аз «ниёз», «ибодат» аз «парастиш», «адлия» аз «додгустарӣ», «фахр» аз «нозиш» («нозидан»), «узр» аз «пӯзиш» ва ғайра ва ҳоказо осонтару фаҳмотар гардиданд.

(Давом дорад).



Дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишери Навоӣ барои аз бар кардани дониши пухта, гузарондани машғулиятҳои амалӣ кулли шароит фароҳам оварда шудааст. Аҳли факултаи филологияи тоҷик ҳам дар бобати тайёр кардани мутахассисони баландмалака саҳми калон мегузоранд.

Дар сурат: декани факултаи филологияи тоҷик **Ҷумъа Ҳамроев** дар ҳалқаи муҳассилин.

Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.

Турфа олам

Пеши роҳи қаллобӣ гирифта мешавад

Аз 1 ноябр дар Россия қоидаи сертификатсияи доруву дармон ҷорӣ карда шуд, ки ҳам барои истеҳсолгарони ватанӣ ва ҳам хориҷа якхел мебошад. Сертификат ба тамоми давраи арзи ҳастии доруву дармон дода мешавад.

Ва он пеш аз ҳама барои пешгирии роҳи қаллобгарӣ карда мешавад. Зеро алҳол аз тамоми доруву дармоне, ки дар бозору дорухонаҳои Россия ба фурӯш мераванд, 7-8 фоизашон сохта ба ҳисоб мераванд.

Сохтакорӣ бештар дар Маскав ва як қатор минтақаҳои давлати Россия ба назар бармехӯрад.

Қоидаи нав баробари созмон ёфтани инспексияи фармасевтии давлатӣ, ки дар ҳар округи федералӣ арзи ҳастӣ мекунад, татбиқ карда мешавад. Ва он вазифаи назорату муоинаи муомилоти доруву дармонро ба ҷо меоварад.

Кӯли байни дашт

Ҳукуматдорони Туркманистон барои амалӣ гардондани лоиҳаи бузурге шурӯъ намуданд. Дар маркази дашти Қоракум кӯли калони обаш ошомиданӣ сохта мешавад, ки атрофи онро кабудизор фаро хоҳад гирифт. Аз рӯи иқтидор он бо сохтмони канали Қоракум баробар аст. Моҳияти он дар ҳамин зоҳир мегардад, ки тамоми обҳои зеризаминии мамлакат дар як марказ ҷамъ оварда ва он барои ба вуҷуд овардани муҳити табии Корашор сарф мегардад.

Сохтмон аллакай оғоз ёфтааст. Аз рӯи маълумоти вазорати хоҷагии оби Туркманистон соли гузашта 330 километр канали зеризаминӣ кофта шудааст. Соли ҷорӣ боз 320 километри он омода мегардад.

«Оинаи обии» ояндаи Туркманистон 3,5 ҳазор километри мукаабро ташкил медиҳад ва гунҷоиши он аз 130 километри мукааби об иборат аст. Ҳар сол кӯл ба ҳисоби миёна 10 километри мукааб обро қабул мекунад. Аввалин 10 километри мукааб об охири соли 2004 ба кӯл шомил мегардад.

Ронандаи 100-сола

Шахси 100-сола, ки дар Флорида истиқомат дорад, дар арафаи ҷашни умри якасринаи худ аризаро дар бобати дароз кардани мӯҳлати ҳуҷҷати ронандагиаш пешкаш намуд.

Ҳангоми тафтиши ариза маълум гардид, ки собиқаи меҳнатии ронандагии он ба 83 сол баробар аст. Дар ин муддат аҳаллан боре ба ягон садамаи калон дучор нагардидааст.

Ронандаи садсола барои ҳар рӯз ба ҳисоби миёна даҳсоатӣ хоб карданаш ва саҳарӣ хӯроки бакувват хӯрданаш худро то ҳол бардам ҳис мекунад.

Маълумотҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар Флорида алҳол 63000 нафар ронандае номнавис гардидааст, ки аз 90 сол синну солашон зиёд мебошад.

Таҳти оҳанги гармони нафасӣ

Шаҳрчаи на он қадар калони Сиокирмен, ки дар шафати Рейн ҷойгир аст, ба китоби «Рекордҳои Гиннес» шомил гардид. Дар ин ҷо аз нисф бештари мусиқинавозон дар гармони нафасӣ оҳангеро ичро карда метавонанд. Хини ҷашнгирии 700-солагии шаҳр идораи маҳаллии динӣ аз саросари Олмону Швейтсария мусиқидонҳоро ҷамъ овард ва онҳо якҷоя суруди «Ҷаноби Якоб»-ро дар гармонҳои нафасӣ ичро карданд. Ҳамин тавр, рекорди кӯҳна, ки дар чунин тадбир ҳамагӣ 300 нафар ҳунарвар иштирок карда буд, нав шуд.

Созанда филҳо

Дар Таиланд дастаи ғайриоддие фаъолият пеш мебарад, ки ичрогарони он ҳамагон филҳоянд.

Ва он ягона чамоаи ҳайвонҳое мебошад, ки барои баровардани албоми дуюми худ саъю кӯшиш дорад. Ба дастаи ҳунарӣ, ки аз ёздаҳ фил иборат аст, дирижёри амрикӣ Ричард Лейн сарварӣ мекунад. Филҳо дар тамоми асбобҳои нафасиву дигар асбобҳо ҳунарнамоӣ карда метавонанд, ки махсус барояшон сохта шудаанд.

Даста рӯз то рӯз маҳбубият пайдо мекунад. Аввалин албоми даста, аз бист суруду оҳанг иборат аст, аз рӯи суханони Лейн ҳам дар Париж ва ҳам Ню-Йорк эҳтиросҳои худро пайдо кардааст.

Дастаи ҳунарварони иборат аз филҳо моҳи январи соли 2001 созмон ёфтааст. Ҳамон вақт даста аз нӯҳ фил иборат буд. Баъд ба сафи онҳо филбачаҳо низ ҳамроҳ гардида, алҳол бо зеҳни тези худ аз аъзоёни собиқадори даста пеш гузоштаанд. Азбаски филҳо нотаро сарфаҳм намераванд, барои ҳамин лозим омад аз ҳисси оҳангфаҳмиву сурудфаҳмиашон истифода бурда шавад. Онҳо махсусан ҳаракати дастони дирижёрро хуб дарк кардаанд ва аз ҳамин сабаб ҳангоми ичрои мусиқӣ ба хатогӣ роҳ намегузоранд.

Ҳаққи аз тамоми ҳунарнамоӣ ҳосилгардида барои рушди соҳаи филларварии Таиланд ҳарҷ мегардад.

Шпаргалкаи 122-сола

Дар бинои ҳукумати вилояти Челябинск шпаргалкаи хонандае ёфт гардид, ки соли 1879 таҳия гардидааст.

Чуноне ки хабар дода шуд, дар рафти тармими яке аз ҷӯтоҳои кории ҳукумат хат, дафтари қайдҳо ва суратҳои кашидаи тарбияғирандагони омӯзишгоҳи мардонаи динӣ ёфт гардид, ки дар ин ҷо аз соли 1830 то соли 1917 фаъолият пеш бурдааст.

Бешафқатии паррандаи ақлнок

Тӯтӣ ба полиса дар хусуси рафтори соҳибаш, ки бештар бо дуздидани мошинҳои гаронбаҳо машғул аст, хабар дод. Тӯтӣ Жак ном дорад. Кормандони полиса ҳарчанд далел надошта бошанд ҳам, барои кофтукоби хонаи дузд омаданд. Онҳо азбаски ягон далели зарурӣ пайдо накарда, хуноб будаанд, ба тӯтӣ аҳамият надоданд. Вале ҳамин ки вай аз забонаш суханони «Кори дигар ҳаст. Акнун навбат ба «Лексус»-ро» шуниданд, ҳангу манг шуда монданд.

Албатта, суханони мазкур барои полиса далел шуда наметавонист.

Соҳиби тӯтӣ бошад, бо ранги парида ба мошини полиса ишараст ва дар сари роҳ то китъаи полиса гуноҳҳои кардаашро ба гардан гирифт.

Маълум гардид, ки дузд бо шарикаш тавассути телефон ин суханонро баён карда будааст он дар хотирааи тӯтӣ мондааст.

Акнун полис аз паи ҷуступӯи шарики дузд аст.

Тозагӣ ба саломатӣ зарар мерасондааст

Тозагии аз ҳад зиёд барои саломатии бачагони солим таъсири манфӣ мерасондааст. Мувофиқи тахмини гурӯҳи олимон аз Олмон, Австрия ва Швейтсария хеле барвақт рӯ ба рӯ гардидан бо аллергенҳо ва бактерияҳо ба низоми муқобилият нишон додани бачагон таъсири мусбӣ мерасондааст. Яъне ба ифлосшавӣ рӯ ба рӯ гардидани бачагон қобилияти ба маризӣ тобоварии онҳоро хеле боло мебардоштааст.

Ва олимон дар 3,5 ҳазор бачаи синну соли мухталиф таҷриба гузаронда, ба чунин хулоса омадаанд. Ва он маъниии пурра ифлос нигоҳ доштани ҷои кору маскани таълиму тарбияро надорад.

(Аввалаш дар саҳ.3)

Садои ҳамнафас...

—Ман ҳангоми мактабхонӣ ба назми бузургон таваччӯҳи хосса доштам. Аз маънои ғазалу байти шоирон лаззат мебурдам...Дар муҳите, ки имрӯз истиқомат дорам, аксари имкониятҳо муҳайёӣ, вале дастрас намудани эҷодиёти шоирони муосир (китобҳои тозанашрро дар назар дорад... Х.Х) бароям хеле гарон аст. Дарак меёбам китоби ин ё он шоир нашр шуда, вале мутаассифона пайдо кардани онҳо хеле мушкил мегардад. Хуб, ки баъзан ба воситаи телефон ба наздиконам хабар мекунам то аз девону мунтахобот ё роману повестҳои тоҷикӣ ба ман бифиристанд. Бо ҳамин роҳ якду китоб дастрас мекунам ва онҳоро гаштаву баргашта мехонам. Агар ҳамин тавр пайваста мутолиа накунам, аз эҳтимол холӣ нест, ки аз забони модарии хеш дур монам. Зеро муҳит, коргузорӣ ва муошират ман бо забони немисӣ аст.

Нормуродака, ғайр аз қонеъ гардондани эҳтиёҷоти оилаи худ, инчунин ба бародару додарон низ кӯмак мерасонад. Маҳз ба туфайли сармояи кӯмакрасондаи вай падараш дар колхоз тадбиргариро ба роҳ монд. Аниқтараш, чанд ғӯсолаву гов харида парво мекард ва ширу чурғот, равғану қаймоқи онро ба давлат месупурд. Аҳли деҳот низ аз он бахраманд мегардиданд. Хизмати оилаи эшонро қадр карда дуо менамуданд.

Аммо тасодуфи ҳаётро бубинед, ки чанд моҳ пештар ришталаи ҳаёти падари Нормуродака—Элмуродака канда шуд, ки ҳамагӣ 62 сол доштанд.

Марги падар Нормуродака ва пайвандони ӯро хеле андӯҳгин на муд. Аммо чӣ илоҷ, аз сарнавишт ҷои гурез нест. Шаҳрванди хорича тамоми маросимҳои падарро гузаронд. Кори ӯро ба бародараш Дилмуродҷон супурд, сипас хотирҷамъона ба Олмон баргашт.

Х. ҲИКМАТОВ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тоҷик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.
Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 1041.
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Х/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: **А. СУБҲОН.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М.